**ҒОЛИБИЯТИ ШАТРАНҶБОЗИ ТОҶИК** с. 15

**СОДИР ЖАПАРОВ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД** с. 5

**ТӮЙ БАЪДИ МУЛОҚОТ БО ПУТИН** с. 4

# ТОҶИКИСТОН

№27 (1640), 2.07.25 *Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!* Оғози нашр соли 1992



## ВАҚТЕ МАРДУМ МЕНАВИСАНД, ҲУКУМАТ БОЯД БИХОНАД



саҳ.2




## ДАР ИН ШУМОРА:

**QR БАРОИ МУҲОҶИРОН**
Ҳатмист ё ихтиёрӣ? с.7

**АБДУҲАЛИМ ҒАФФОРОВ:**
Дар сиёсат нодуруст по гузоштан – афтодан дар чоҳ аст! с.10

**ФАРХОР**
Модар 4 фарзандашро ба дарё партофт с.11

**СУДИТО МУКЕРҶИ**
Намояндаи нави БРСММ дар Тоҷикистон с.5

**БАОР**
Иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст? с.5

**ҶАҲОН**
Таниш миёни Русия ва Озарбойҷон с.4

**ШОУ-БИЗНЕС**
Як миллион доллари Абдурозиқро дуздиданд с.11

**КАНЗИ ШИФО**
Ёрии таъҷилӣ ба шахси офтобзода с.12



# АЗ ПАСИ НОМАҲО - САДОИ ЯК ВИЛОЯТ

## Сафари Пешвои миллат ба Бадахшон: таҷассумгари сиёсати наздикшавӣ, эҳёи эътимод ва намунаи идоракунии муосир

**Вақте мардум менависанд, Ҳукумат бояд бихонад**

Номаҳое, ки пас аз сафари серӯзаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дасти идораи рӯзномаи “Тоҷикистон” расиданд, як ҷаҳон воқеиятро бозгӯ мекунанд. Ин номаҳо шаҳодат медиҳанд, ки ифтитоҳи роҳ, неругоҳ, беморхона ва мактаб дар баробари беҳбудии зиндагии рӯзмарра, маънои дигар низ дорад - эҳёи бовар, эҳсоси қадршиносӣ ва ҳамбастагии миллӣ.

### САДОИ МАРДУМ АЗ ДИЛИ КӮҲИСТОН

**Содиқ, сокини деҳаи Дарвоз менависад:**

*«Вақте Президенти кишвар ба деҳаи мо омад ва гуфт, ки неругоҳи барқӣ сохта мешавад, бовар надоштем. Имрӯз мо 24 соат барқ дорем. Ман ин номаро дар шаби торик, ки онро чароғи раҳмонӣ рӯшан месозад, менависам. Барои мо барқ танҳо нур нест, он рамзи эҳтироми давлат ба мо деҳотиён мебошад».*

**Меҳринисо, омӯзгори мактаби нав дар Рошткалъа навиштааст:**

*«Ман 30 сол дар ин кӯҳистон дарс додам. Мактаби нав, китобхонаи электронӣ ва омӯзиши онлайн бо дастгирии Пешвои миллат ба ҳақиқат табдил ёфт. Ман ифтихор мекунам, ки дар давлати мо омӯзгор фаромӯш намешавад».*

**Мубина, модари се фарзанд аз Шуғнон менависад:**

*«Духтари ман дигар барои таҳсил ба Хоруғ намеравад. Дар деҳаи мо мактаби нав кушода шуд. Пешвои миллат ҳангоми ифтитоҳи он бо мо суҳбат кард. Ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки ӯ гуфт: «Ҳар кӯдак, ҳатто дар дурдасттарин деҳа, сазовори беҳтарин шароит аст».*

### РАҚАМҲО БО САДОИ МАРДУМ

Сафари Пешвои миллат ба вилоят на танҳо як силсилаи ифтитоҳҳо буд, балки як санҷиши зиндаи иҷрои сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат мебошад. Дар доираи ин сафар чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

- *183 корхонаи саноатӣ дар вилоят фаъол аст, дар муқоиса бо 13 адад дар соли 1991;*
- *75,5 МВт иқтидори нави барқ ба шабака пайваст шуд;*
- *246 км роҳ ва 37 пул ба истифода дода шуданд;*
- *70 муассисаи таълимӣ ва 46 маркази тиббӣ бунёд ёфтанд.*

Аммо ин рақамҳо танҳо омор нестанд, онҳо достонҳои зиндаи мардуманд.

### ФИРИСТОДА БОЯД ДОНО БУВАД

Пешбурди чунин барномаҳои мураккаб ва ҳамоҳангсозии онҳо бидуни шахсияти таъсиргузор номумкин мебуд. Дар маркази ин корҳо намояндаи расмии Пешвои миллат дар ВМКБ, Вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир қарор дорад. Ӯ на танҳо ҳамчун раҳбари давлатӣ, балки ҳамчун шахси доно ва дастрас дар байни мардум шинохта шудааст. Таҳти роҳбарии ӯ лоиҳаҳои азими саноатӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ ба таври муназзам ва саривақт амалӣ гаштанд.

### ВАҚТЕ ДАВЛАТ ГӮШ МЕКУНАД, МАРДУМ МЕНАВИСАНД

Сиёсати давлатдории муосир на танҳо амр додан, балки гӯш кардан, шарҳ додан ва ҳамроҳ будан аст. Пешвои миллат бо сафарҳои пайваста ба минтақаҳои дурдаст, махсусан ба Бадахшон, ин шакли идоракунии инсонмеҳварро таҳким мебахшад. Ин равиш - давлатдориест, ки ба эҳтиёҷ ва армони ҳар шаҳрванди худ посух мегӯяд.

### МАКТУБЕ АЗ ЯК ДЕҲА, ПАЁМЕ БАРОИ ЯК МИЛЛАТ

**Аз як деҳаи кӯҳистони Бадахшон мактубе расид, ки дар он навиштаанд:**

*«Пештар мо интизор мешудем, ки ба Душанбе равем, то мушкиле ҳал шавад. Ҳоло Душанбе ба деҳаи мо омад. Мо миннатдорем, вале муҳимтар аз он: мо ҳис мекунем, ки дар ин давлат зиндагӣ дорем».*

Ин нома танҳо изҳори умед, изҳори эътимод ва паёми як миллати муттаҳид аст.

### САФАРИ ПЕШВО - РАМЗИ ҲУЗУР, НАЗОРАТ ВА РУШД

Сафарҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манотиқи гуногуни кишвар - аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то Кӯлобу Суғд ва навоҳии дурдасти Қаротегин - ҳадафманд, стратегӣ ва ҳамеша дорои се паёми асосианд:

#### 1. ПАЁМИ ҲУЗУР:

Давлат дар ҳар гӯшаи кишвар аст: бо сухан, амал ва натиҷа. Ин як эълони ором, вале қатъист: Тоҷикистон давлатест ягона, собитқадам ва саропо фаъол.

#### 2. ПАЁМИ РУШД:

Бо ифтитоҳи роҳ, неругоҳ, мактаб ва марказҳои тиббӣ, ин сафарҳо нишон медиҳанд, ки тараққиёт танҳо дар марказ нест - рушди симметрии минтақавӣ асоси модели нави иқтисодии кишвар аст.

#### 3. ПАЁМИ ВАҲДАТ:

Дар ҳар суҳбати Пешво бо мардум, на танҳо фаҳмондани сиёсат, балки шунидани мардум муҳим аст. Ин омил сиёсати «наздикшавии давлату шаҳрванд»-ро асос мегузорад.

**Шариф ҲАМДАМПУР**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи “The Bukharian Times”

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# QR БАРОИ МУҲОҶИРОН

## Ҳатмист ё ихтиёрӣ?




**Сабти ном дар замимаи RuID ва гирифтани рамзи электронӣ (QR код) пеш аз сафари Русия, ки дар аввал ҳатмӣ буд, ҳоло ихтиёрӣ унвон шудааст. Дар ин бора Сафорати Русия дар Тоҷикистон хабар медиҳад. Ҳамчунин, ин хабарро дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон низ тасдиқ карданд.**

### МУШКИЛ ЭҶОД НАМЕШАВАД

Сафорати Русия дар Тоҷикистон дар саҳифаи Телеграммаш навиштааст, ки надоштани рамзи QR ҳангоми убури марзи Русия мушкил эҷод нахоҳад кард ва асос барои рад кардани вуруд ба Русия намешавад.

Сафорат танҳо гуфтааст, сабти ном дар замимаи RuID ҳарчанд ихтиёрӣ аст, вале баъзе бартариҳо дорад. Аз ҷумла, шаҳрванди хориҷӣ мефаҳмад, ки ҳақи вуруд ба Русияро дорад ё не. Инчунин сабти ном дар ин барнома гирифтани симкорти ширкатҳои Русияро барои муҳоҷирон осон мекунад. Дар Сафорати Русия гуфтанд, ки озмоиши шеваи нав то моҳи июни соли 2026 идома мекунад.

### ТАЛАБОТИ НАВ ВА ТАҶРИБАИ АВВАЛИН РӮЗҲО

Бар асоси қарори Ҳукумати Федератсияи Русия, №1510, аз 7-уми ноябри соли 2024, ҳамаи шаҳрвандони хориҷие, ки бо низоми бевиза вориди Русия мешаванд, аз ҷумла шаҳрвандони Тоҷикистон, муваззафанд пеш аз сафар дар барномаи мобилии "Госуслуги RuID" сабти ном карда, маълумоти биометрии худро пешниҳод намоянд ва пас аз тасдиқи дархост QR-код бигиранд. Ин рамзи рақамӣ дар гузаргоҳҳои марзӣ бояд бо шиноснома пешниҳод гардад.

Дар рӯзҳои аввали татбиқи ин таҷриба аксарияти шаҳрвандон QR-кодро дастрас накарданд. Сабаби он норасоии маълумот, мушкили дастрасӣ ба интернет ва надоштани маълумоти пурра дар барнома аст. Аммо сарҳадбонони Русия дар гузаргоҳҳо дар баъзе ҳолатҳо мусофиронро бе QR-код иҷозат доданд, чун дастгоҳҳо ва зерсохторҳои системаи RuID ҳанӯз ба таври комил омода нестанд.

### QR-КОД - ВОСИТАИ НАЗОРАТ Ё РАСОНИДАНИ ХИЗМАТ?

Ба гуфтаи мақомоти Русия, ин иқдом бо ҳадафи беҳсозии назорати муҳоҷират ва рақамисозии хизматрасониҳо роҳандозӣ шудааст. Пас аз сабти биометрӣ ва гирифтани QR-код шахс метавонад дар Русия ба хидматҳои электронӣ дастрасӣ ёбад - мисли гирифтани СНИЛС, сим-корт, патент, кортҳои бонкӣ ва дигар хизматрасониҳо.

Аз як сӯ, ин метавонад равандҳоро шаффоф ва соддатар созад. Аммо аз сӯи дигар, талаботи QR-код як монеаи иловагӣ барои ҳазорҳо шаҳрванди Тоҷикистон мебошад, ки дар кишварҳои дорои инфрасохтори рақамии қавӣ зиндагӣ намекунанд.

### ҚОНУНАН ҲАТМИСТ, АМАЛАН ҲАНӮЗ «ОЗМОИШИСТ»

Дар сатҳи расмӣ талабот ҳатмист. Яъне, қонунан, ҳар шахси бевиза воридшаванда мувазаф аст рамзи QR дошта бошад. Аммо Вазорати рақамии Русия иқрор кардааст, ки ҳоло ин иқдом дар шакли таҷрибавӣ роҳандозӣ шудааст ва муҷозоти ҷиддӣ ё радди сарҳад барои надоштани рамз то ҳол татбиқ намешавад. Бо вуҷуди ин, ҳар шахсе, ки ба ворид шудан ба Русия нияти ҷиддӣ дорад, бояд омода бошад, ки дар мавриди надоштани QR-код метавонад бо таъхир, бозпурсӣ ё ҳатто манъи убур рӯ ба рӯ шавад.

### БИДУНИ МАШВАРАТ БО КИШВАРҲОИ ОМ

Дар дохили ҷомеа ва расонаҳои Осиёи Марказӣ нигарон аз он ҳастанд, ки чунин тағйироти муҳим, ки садҳо ҳазор муҳоҷирро фаро мегирад, бидуни машварат бо ҳукуматҳои кишварҳои минтақа роҳандозӣ мешавад. Дар ҳолати Тоҷикистон, ки беш аз 1 миллион шаҳрванди он ба таври доимӣ ё мавсимӣ дар Русия қарор доранд, ҳар тағйирот дар сиёсати муҳоҷиратӣ таъсири мустақим ба зиндагии ҳазорҳо хонавода мегузорад.

### АНДЕШАИ ҲУҚУҚШИНОСОНИ САМТИ МУҲОҶИРАТ

Ҳуқуқшиносон мегӯянд, ки QR-код ба як унсури муҳими «идентификатсияи рақамӣ» мубаддал мешавад. Дар оянда шояд надоштани он на танҳо барои вуруд, балки барои иқомат, иҷозати кор ва пардохти андоз мушкил эҷод кунад. Ин қадам як навъ «шартномаи нонавишта» бо давлати Русия мебошад: ҳар кӣ ворид мешавад, бояд дар низоми электронӣ ҳамчун «шахсияти рақамӣ» сабт ёбад.

### МАСЪУЛИЯТ БА ДӮШИ МУСОФИРОН

Бо он ки талаботи QR-код ҳоло пурра амалӣ нашудааст ва дар баъзе ҳолатҳо сарҳадбонон мусофиронро иҷозат медиҳанд, вале бо устувор шудани системаи RuID ва пур шудани пойгоҳи додаҳо, дарояндаи наздик шахсони бидуни сабти рақамӣ шояд натавонанд вориди Русия шаванд.

Аз ин рӯ, ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки нияти сафар, таҳсил ё кор дар Русия доранд, тавсия дода мешавад, ки барномаи RuID-ро пешакӣ дар кишвар насб ва сабт кунанд, маълумоти худро ворид намоянд ва рамзи QR-ро пеш аз парвоз дастрас намоянд.

Қариб ду даҳа боз тоҷикон бо ҳама душвориҳо барои кору зиндагӣ ба Русия мераванд. Инак, як монеаи нав пеш омад. Вақт нишон медиҳад: QR-код ба муҳоҷири тоҷик ёрӣ мерасонад, ё боз як мушкили дигар эҷод мекунад.

**Х. ДАВЛАТОВА,**
**ш. Москва**

## САРИ САБЗ



**Озода АҲАТОВА,**
**сароянда ва ҳунарпеша**

**- Бояд ҳунарманд самимона нақш офарад… Санъаткор бояд пеш аз ҳама заминиву фурӯтан ва ҳоксору меҳрубон бошад. Ҳеҷ гоҳ кибр накунад. Шуҳраттталаб набошад. Барои рушди санъати миллӣ саҳм гузорад. Сарояндаро чеҳраи халқ мегӯянд, ба он муносиб бошад.**

*- Ҳама айб дар худи ҳунарманду сароядаҳо не-дия! Сароянда чеҳраи халқ ҳам бошад, ба нозпарвару шуҳратталаб шудани баъзеҳояш худи ҳамин халқ гунаҳкор, эрка мекунанд...*



**Мисбоҳиддини НАРЗИҚУЛ,**
**профессори ДМТ**

**- Он замон мо фарқ намегузоштем, ки чӣ китоб хуб асту чӣ бад. Ба назарамон чунин менамуд, ки бояд ҳама китобро хонем. Ва баъдтар огоҳ шудем, ки воқеан ҳама гуна китоб арзиши як бор хондан ва пиромунаш фикр карданро дорад.**

*- Ин замон ҳам бисёр нафарон фарқ намегузоранд, ки чӣ китоб хуб асту чӣ бад. Дар ҳоле, ки баъзе китобҳо барои як бор хондан ҳам намеарзанд, вақтро зоеъ мекунанд.*



**Моҳҷабин ДАВЛАТҚАДАМОВА,**
**донишҷӯи Донишгоҳи техникӣ**

**Яке аз афзалиятҳои «огоҳкунаки беноқил" дар он аст, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ низ имкони насбаш мавҷуд аст. Ин дастгоҳро дар минтақаҳои хатари ҳодисаҳо насб кунанд, ҳам ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва ҳам ба сокинон аз ҳодисаи табиӣ хабар медиҳад.**

*- Ин тавр бошад, ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулода пешниҳод кунед, ин ихтироатонро бихаранду ба қайд бигиранд ва ҳам худашон аз ҳодисаҳо пешакӣ хабардор шаванду ҳам сокинонро огоҳ созанд.*

## СММ: Нашъамандон афзоиш ёфтаанд

**Созмони Милали Муттаҳид дар гузорише эълон кард, ки шумораи истеъмолкунандагони маводи мухаддир дар саросари ҷаҳон дар соли 2023 ба 316 миллион нафар афзоиш ёфтааст.**




Дафтари мубориза бо маводи мухаддири СММ дар Вена рӯзи 26-уми июн дар гузорише дар бораи истеъмоли маводи мухаддир гуфт, "ин теъдод баробар ба шаш дарсади аҳолии ҷаҳон байни 15 то 64-сола аст, ки аз маводи мухаддир, ба ҷуз тамоку ё алкоҳол, истифода мекунанд".

Гузориши солона нишон медиҳад, ки дар миёни ҳама маводи мухаддир бозори кокоин аз ҳама бештар дар ҳоли рушд мебошад. Бар пояи ин гузориш, тавлиди ғайриқонунии кокоин ба 3 ҳазору 708 тонна расидааст, ки нисбат ба соли 2022 наздик ба 34 дарсад афзоиш ёфтааст.

BBC

## Мансаби нави духтари президент

**Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон дигарбора мақоми раиси дастгоҳи раёсати ҷумҳуриро барқарор карда ва духтараш Саида Мирзиёеваро дар ин мақом гузоштааст.**



Мансаби мазкурро Шавкат Мирзиёев соли 2023 аз байн бурд ва раиси онвақта Сардор Умурзоқовро мушовири махсуси президент таъйин кард. Саида Мирзиёева аз соли 2023 ёрдамчии Президенти Ӯзбекистон буд.

Қаблан бахши робита бо ҷомеа ва сиёсати иттилоотии дастгоҳи президентро роҳбарӣ мекард.

KUN.UZ

# ТАНИШ МИЁНИ РУСИЯ ВА ОЗАРБОЙҶОН

**Ҳафтаи охир муносибат миёни Русия ва Озарбойҷон ба таври бесобиқа тира шуд. Таниш миёни ду кишвар аз он оғоз шуд, ки рӯзи 27-уми июн маъмурони Хадамоти амнияти федералии Русия 6 нафар аз озаритаборонро дар шаҳри Екатеринбург дастгир карданд. Дар ҷараёни ин амалиёт ду бародар - Ҳусейн ва Зиёвуддин Сафаровҳо ба ҳалокат расидаанд.**



Мақомоти Русия гуфтаанд, ки ҳамаи ин афрод шаҳрвандони кишвар ҳастанд ва яке ба сабаби аз кор мондани дилаш фавтидааст. Аҳли хонаводаашон гуфтаанд, ки ин бародарон аз зарби латукӯби шиканҷа ҷон додаанд. Ба қавли мақомоти Русия, боздоштшудагон ба қатлҳои фармоишии солҳои гузашта муттаҳам мешаванд.

Ҳукумати Озарбойҷон баъди ин амалиёт мақомоти интизомии Русияро ба қатли ҳадафмандонаи озариҳо муттаҳам кард. Ба дипломатҳои рус расман номаи эътирозӣ дод ва барномаҳои фарҳангии Русияро дар Озарбойҷон лағв кард.

Дар пасманзари ин моҷаро, парлумони Озарбойҷон аз ширкат дар як нишасти муштарак бо вакилони парлумони Русия даст кашид. Сафари муовини нахуствазири Русия ба Бокуро ҳам лағв карданд. Кремл дар вокуниш гуфтааст, ки ин қарорҳои Озарбойҷон боиси таассуф аст.

Ҳамчунин, мақомоти Озарбойҷон дар пайи ин воқеа ду хабарнигори русро дар Боку боздошт намуд. Гуфта мешавад, ки рӯзи 30-юми июн дар идораи хабаргузории давлатии "Спутник"-и Русия дар Боку тафтиш анҷом доданд ва Игор Картавих, мудири дафтар ва Евгений Белоусов - сардабири дафтари хабаргузориро, ки гӯё кормандони ФСБ ва ё Хадамоти амнияти федералӣ будаанд, дастгир карданд.

Муносибати Русия ва Озарбойҷон аз соли гузашта рӯ ба сардӣ овард. Моҳи декабри соли гузашта Боку Русияро ба сарнагун кардани як ҳавопаймои мусофирбар муттаҳам кард, ки дар натиҷаи сукути он 38 нафар ҷон бохтанд.

Мақомоти Озарбойҷон аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки дар Русия муносибат ба муҳоҷирони озарӣ бад шудааст ва ин як барномаи тарҳрезишуда мебошад.

Аз ҷумла, таҳлилгар Руслан Айсин мегӯяд: "Аввал гурӯҳҳои созмонёфтаи чиноии чечентаборҳоро душман мегуфтанд. Пеш аз ин, агар дар ёд дошта бошед, ӯзбеку тоҷику қирғизҳоро ном мебурданд. Ҳоло акнун гурӯҳҳои чиноии озариҳо шудаанд. Ҳоло бисёр мешунавам, ки гӯё ҳамаи ҷомеаи озаритаборон ҷинояткор ҳастанд. Инҷо маълум аст, яъне меҳоҳанд бо ҷинояткор номидан, онҳоро бадном кунанд".




## ОМОРИ НАВИ КУШТАШУДАГОН ДАР ҲАМЛАИ ИСРОИЛ БА ЭРОН

**Эрон омори нави талафоти ҷониро дар ҳамлаи Исроил ба ин кишвар эълон кард. Ба навиштаи ИРНА - хабаргузории расмии Ҷумҳурии исломӣ, дар ҷанги 12-рӯза бо Исроил 935 нафар дар ин кишвар кушта шудаанд.**

Сухангӯи Додгоҳи олии Эрон ҳам рӯзи 30-юми июн бар асоси охирин маълумоти тиби қонунӣ шумораи кушташудагонро 935 тан эълон кард ва дар нишасти хабарӣ изҳор дошт, ки миёни қурбониён 38 кӯдак ва 102 зан дида мешаванд.

Қаблан Вазорати тандурустии Эрон дар рӯзи 24-уми июн шумораи қурбониёнро 610 нафар гуфта буд.

Сухангӯи Додгоҳи олии Эрон ҳамчунин аз афзоиши кушташудагони ҳамлаи ҳавоии Исроил ба зиндони Эвин хабар дод ва гуфт, ки "79 нафар аз мурочиаткунандагон ва хонаводаҳои зиндониён, ҳайати идории зиндон, ҳамсояҳои ин зиндон ва зиндониён" бар асари ин ҳамла ҷон бохтанд.

Ёдовар мешавем, ки Исроил субҳи 13-уми июн ба таври ногаҳонӣ ба Эрон ҳамла кард. Дар ҷавоб Эрон бо партоби мушакҳои болистикӣ Исроилро ҳадаф қарор дод. Таниш миёни ду кишвар 12 рӯз идома кард.

# ТӮЙ БАЪДИ МУЛОҚОТ БО ПУТИН

**Тӯйи пуршукӯҳи Одам Қодиров - писари 17-солаи Рамазон Қодиров дар Чеченистон ва Русия баҳсбарангез шуд. Расонаҳо Одамро ҷонишини эҳтимолии падараш медонанд.**



Гуфта мешавад, ки тӯйи Одам бо шитоб баргузор гардид, зеро вазъи сиҳатии Рамазон Қодиров он қадар хуб нест.

Бар асоси иттилои расонаҳо, Одам Қодиров қабл аз маросим дар Кремл бо Владимир Путин мулоқот кардааст. Рамазон Қодиров бошад, баъд аз ин ба Путин барои паёми табрикотӣ номаи сипос ирсол кардааст.

Гуфта мешавад, ки тӯйи бошукӯҳи Одам Қодиров тибқи суннати анъанавии мардуми Қафқоз баргузор шудааст. Домод соати гаронбаҳои “Jacob & Co. ASHOKA”, ки арзиши он 27,7 ҳазор доллар гуфта мешавад, дар даст дошт ва савори мошини “Mercedes G-Wagon”, бо таппончаи тиллоӣ тирпарронӣ кардааст.

Ёдовар мешавем, ки Одам Қодиров 24-уми ноябри соли 2007 таваллуд шудааст, аз 5-уми ноябри соли 2023 ба ҳайси сардори Хадамоти амнияти раиси Ҷумҳурии Чеченистон фаъолият мекунад.

# ЖАПАРОВ БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

**Президенти Қирғизистон Содир Жапаров қарор аст бо як сафари давлатӣ ба Тоҷикистон ояд. Дар ин бора дафтари матбуоти Президенти Қирғизистон хабар медиҳад.**



Гуфта мешавад, ки омодагӣ ба сафари Жапаров ба Душанбе дар ҷараёни мулоқоти Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Жээнбек Кулубаев, вазири корҳои хориҷии Қирғизистон дар шаҳри Бишкек баррасӣ шудааст. Вале манбаъ санаи дақиқи сафарро нагуфтааст.

Тибқи иттилои расмӣ, дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии ду кишвар ҳамчунин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳокима гардидаанд.

Масъалаи анҷоми марзбандии сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон аз мавзуҳои дигари баррасишуда дар ин вохӯрӣ будааст. Вазирон таъкид кардаанд, ки ҳалли ниҳоии ин масъала қадами муҳиме ба сӯи таъмини субот ва сулҳи пойдор дар минтақа хоҳад буд.

Сироҷиддин Муҳриддин дар ҷараёни сафари худ ба Қирғизистон дар ҷаласаи навбатии Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), ки дар шаҳри Чолпон-Ота доир шуд, ширкат кард.

# СУДИПТО МУКЕРҶИ

## Намояндаи нави БРСММ дар Тоҷикистон

**Муовини якуми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Исматулло Насредин Намояндаи доимии навтаъйини Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (ПРООН) дар Тоҷикистон Судипто Мукерҷиро ба ҳузур пазируфт. Дар ҷараёни ин мулоқоти расмӣ Судипто Мукерҷи эътимодномаи худро супорид.**



### ДИПЛОМАТИ СОҲИБТАҶРИБА

Маросими супоридани эътимоднома дар фазои дӯстона ва ҳамкории созанда баргузор гардид. Ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳо таъкид намуданд. Муовини якуми вазири корҳои хориҷӣ Судипто Мукерҷиро ба таъйин шуданаш ба ин вазифаи муҳими байналмилалӣ табрик гуфта, ба ӯ дар пешбурди фаъолияти БРСММ дар Тоҷикистон, таҳкими ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои рушди устувор комёбӣ орзу кард.

Судипто Мукерҷи беш аз 20 сол таҷрибаи кор дар соҳаи дипломатия ва рушди устувор дошта, дар чанд кишвари чаҳон дар сохторҳои СММ, аз ҷумла БРСММ фаъолият намудааст. Ӯ ҳамчунин дар ҳукумати Ҳиндустон, Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир ва Созмони СММ-Ҳабитат вазифаҳои муҳимро ба зимма доштааст.

Таъйини ӯ ба ҳайси роҳбари нави намояндагии БРСММ дар Тоҷикистон ба таҳкими бештари ҳамкорӣ ва татбиқи ҳадафҳои муштарак дар самти рушди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

### БРСММ - ШАРИКИ БОЭЪТИМОД

Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (ПРООН) яке аз сохторҳои асосии СММ мебошад, ки дар беш аз 177 кишвари чаҳон фаъолият мекунад. БРСММ дар Тоҷикистон бо як қатор самтҳои муҳими рушд, аз ҷумла коҳиши камбизоатӣ ва рушди иқтисоди фарогир, ҳифзи муҳити зист ва муқовимат ба тағйирёбии иқлим, таҳкими идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мубориза бо оқибатҳои бухронҳо ва офатҳои табиӣ, дастгирии баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон ҳамкорӣ менамояд.

МУШОҲИДА

# СТЮАРДЕССАИ ТОҶИК АЗ ҲИНД ЧӢ ФАРҚ ДОРАД?

Аз Душанбе ба Деҳлӣ 2 соату 20 дақиқа аст ва ба вақти хӯроки нисфирӯзӣ рост омад. Пас аз интизориҳои зиёд "Сомон Эйр" якто сендвич овард. Аз духтари зебое, ки стюардесса буд, исмашро пурсидам.

- Номи ман ба шумо чӣ даркор?

- Ин этикет аст, дар тамоми ҳавопаймоҳои ширкатҳои дигари дунё номи роҳбаладон бояд навишта шуда бошад. Шояд таъриф мекунам шуморо ё танқид.

Ҳайрон шуду гапамро ҳатто то охир гӯш накарда, рафт.

Аз Деҳлӣ ба Ҳайдаробод низ парвоз 2 соату 20 дақиқа аст ва дар ин хат сайри дохили ширкати «Эйр Индия» хизмат мерасонад. Зуд ғизо оваранд ва чун гуфтам, ки ғизои интихобнамудаам, ки бо гӯшти мурғ буд, тунд аст, пешниҳод намуданд, ки ғизои вегетеринарӣ медиҳем, он чандон тунд нест. Стюардесса духтараки зебояки ҳиндӣ бо номи Ҳиманчӣ пас аз дубора овардани хӯрок низ зудзуд наздам омада, мепурсид, ки оё боз чизе лозим аст, оё чизе хӯрдан ё нӯшидан мехоҳам? Воқеан, хизматрасониро бояд донист!

**Насрулло ТӮЙЧИЗОДА,**
**рӯзноманигор**



## РЕЗААХБОР

1-уми июл дар Душанбе муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ бо Президенти Парламенти музофоти Саксония - Анҳалти Олмон Гуннар Шелленбергер мулоқот намуд. Дар вохӯрӣ масъалаи таҳкими фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентии ду кишвар муҳокима гардид. Ҷонибҳо густариши ҳамкориҳоро дар бахшҳои иқтисод, саноат, энергетика ва фарҳанг муҳим арзёбӣ карданд.

***

Ҳукумати Тоҷикистон қарор қабул кардааст, ки дар фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Бохтар сиёсати "Осмони кушод" татбиқ шавад. Бар асоси ин тасмим, маҳдудиятҳо дар шумораи парвозҳо, ҷойҳо ва нархи чиптаҳо лағв гардида, паритет байни ширкатҳои ҳавопаймоии миллӣ ва хориҷӣ бекор мешавад.

Ин иқдом метавонад боиси поин рафтани нархи чиптаҳо ва рушди бозори ҳавонавардии кишвар гардад.

***

Ширкати ҳавопаймоии эронии Varesh Airline аз 4-уми июл парвозҳоро дар масири Душанбе-Машҳад-Душанбе барқарор мекунад. Дар ин бора намояндагии ширкат дар Душанбе хабар дод. Парвозҳо ҳафтае ду маротиба - рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа анҷом дода мешаванд. Айни ҳол парвозҳо танҳо ба шаҳри Машҳад дар назар буда, вақти барқароршавии парвозҳо ба Теҳрон ҳанӯз номаълум аст.

***

Манижа Раҷабова, равоншиноси МТМУ №56-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар Озмуни байналмилалии «Беҳтарин омӯзгор», ки дар шаҳри Остонаи Қазоқистон доир гардид, ҷойи аввалро ба даст овард. Озмун аз ҷониби Маркази таҳқиқотии «Endless Light in Science» ташкил шуда, омӯзгорон ва муҳаққиқон аз кишварҳои гуногун ба таври фосилавӣ дар он ширкат намуданд.

***

Бо иштироки ҷумҳуриҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай аз 3 то 7-уми июл дар шаҳри Чунсини Чин ҷашнвораи синамоӣ баргузор мешавад. Ду филми тоҷикӣ - «Ҳаёт зебост» аз Далер Раҳматов ва «Ҷустуҷӯи ҳақиқат» аз Манзаралӣ Шералӣ ба барномаи асосии озмун роҳ ёфтанд.

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

### ЗИНДАГӢ АЗ НАШРИЁТ ОҒОЗ ЁФТ...

Кор дар нашриёти “Маориф” барои ман мактаби дигар буд. Мактабе, ки на бо садои занги дарс оғоз мешуду бо варақҳои имтиҳонӣ поён меёфт. Ин мактаб бо бӯйи рангҳои матбаа, бо суҳбатҳои ахлоқию донишпажӯҳӣ дар утоқҳои кории муҳаррирон ва бо мутолиаи саҳифаҳои аввалини китоби дарсӣ таровати тоза мегирифт.

Дар инҷо ҳар ҷумла муқаддас буд. Китобе, ки навишта мешуд, барои кӯдаке дар гӯшаи дурдасти кишвар метавонад аввалин дидори ӯ бо дониш бошад. Аз ин рӯ, муҳаррирон бо эҳсоси масъулият, бо дақиқии ҷарроҳон, бо фаҳмиши амиқи равоншиносии кӯдак ва эҳтиёҷоти мактабӣ матнҳоро тартиб медоданд ва таҳлил мекарданд.

Ҳар рӯз баҳсҳо буданд. Баҳсҳое, ки гоҳе ором, гоҳе гарм, вале ҳамеша муфид ва маърифатӣ буданд. Нури ирфон аз ҳамин даргоҳ тулуъ мекард.

### НАШРИЁТ ЯК ҶАҲОН БУД

Утоқҳои пур аз дастнависҳо, лавҳаи калоне бо суроғаи китобҳои тахти кор, рӯи мизҳо китобҳои дарсии синфҳои гуногун, матнҳои дар мошинка чопшудаи бо қалами рангин ислоҳгашта, номаҳои муаллифону муаллимон, ки фикру мулоҳизаҳои худро мегузорониданд - ин ҳама як муҳити зинда ва огоҳ буд.

Ман меомӯхтам:

Чӣ гуна бояд бо муаллиф муколама кард;

Чӣ гуна бояд дар матн нафаси зиндаи синфро эҳсос намуд;

Чӣ гуна як ишораи забонӣ метавонад маънои як мавзӯро ба куллӣ дигар кунад.

Вақте, баъдтар, ба ҳайси шореҳи нашрияи “Омӯзгор” кор оғоз кардам, он ҳама таҷрибаҳо бо ман буданд. Ман акнун на аз паси миз, балки бо пойи худ ба мактабҳо мерафтам. Бо муаллимон менишастам, дар дарсҳо иштирок мекардам, аз зиндагонии устодон, аз талошҳои онҳо барои як китоб, як тахтаи синф, як курсӣ навишта мекардам. Он вақт ман ҳис кардам, ки нашриёт ва мактаб дар як ҳалқаанд - яке тарроҳ аст, дигаре коргари саҳнаи зиндагии илму маърифат.

### ҚАЛАМИ ҚАЛАМКАШ

Шоҳроҳи зиндагӣ, ки пайроҳаҳояш ҳамеша бо ангезаи нопайдо тарҳрезӣ мешаванд, гоҳ бо хомӯшӣ, гоҳ бо фарёди ногаҳой моро ба самти дигар андохт. Ман он вақт ҳанӯз дар нашриёти “Маориф” фаъолият мекардам.

Рӯзе, ки ҳеч интизораш набудам, даррасид. Гӯё қазо бароям саҳифаи наверо боз кард.

Маро ба Вазорати корҳои хориҷӣ даъват карданд. Даъвате, ки дар тасаввурам намеғунҷид. Аз дари вазорат бо эҳсоси номуайянӣ ворид шудам. Зеҳнам пур аз савол, қадамҳоям каме ларзон, аммо умеде ноаён дар гӯшаи қалб чашмак мезад. Дар роҳрави орому расмии бино садои поям ба гӯшам мерасид. Намедонистам, ки қадами имрӯз ба кучо мебарад, вале ҳис мекардам, ки зиндагӣ боз як гардиши дигареро омода кардааст.

Муовини вазир - Эркин Қосимов маро ором ва бо нигоҳи дипломатӣ омӯхта, пазирой кард. Саволи аввалаш кӯтоҳ буд, вале мафҳумаш амиқ:

- Забони дариро медонед?

Ман бо ишораи тасдиқ сар ҷунбондам. Ӯ дигар чизе нагуфт, танҳо даст ба тугмаи телефон бурд ва баъди дақиқае шахсе дар даст папка ворид шуд. Баъдтар аз рӯи навиштаҳо ва тарҷумаҳо донистам, ки ӯ Азимқул Насимов буд.

- Аз ин кас шифоҳӣ ва хаттӣ имтиҳон гиред,- дастур дод муовини вазир.

Имтиҳон бароям сахт набуд. Зеро аз мактаби профессор Шарифҷон Ҳусейнзода гузашта будам, ба ҳуруфи форсӣ хуб хондану навиштан метавонистам. Забони русиам ҳам ҳарчанд лакнат дошт, аммо бад набуд. Аммо ман, ки ноогоҳ будам, аслан надонистам қафои ин имтиҳон чӣ меистад. Ягон ишорае набуд, ки фаҳмонам, ки маро ба куҷо мебаранд, бо ман чӣ кардан мехоҳанд.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд, вале ҷавоб ба таъхир меафтод. То он ки як саҳар хомӯшӣ шикаст.

Рӯзе дар саҳни нашриёти "Маориф", ки дар километри 8-уми шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб қарор дошт, бо Парвиз Турсунзода - корманди Энсиклопедияи тоҷик сари масъалае баҳс доштем. Дар он замон баҳсу мунозира барои дарёфти посух як амали табиӣ ва ҳатто лозимӣ буд. Баҳсҳо моро ба андеша тела медоданд, ҷаҳони донишро барои мо васеътар мекарданд.

Ин дам котиба поён фаромад ва гуфт:

- Туро меҷӯянд. Ба утоқи директор даро.

Директори нашриёт Собирҷон Хоҷаев марди баландкомат, чеҳрачиддӣ ва камгап буд. Дар нигоҳаш табассум ахёнан меҳмон мешуд. Ӯ пас аз пурсупос коғазеро ҷонибам дароз кард. Онро гирифтам: фармон барои сафари хизматӣ ба Ҷумҳурии Демократии Афғонистон буд.



Афғонистон! Он солҳо ҳар ҷавоне орзуи рафтан ба он кишварро дошт, на танҳо барои он ки маоши калон дошт, на танҳо барои чекҳое, ки бо онҳо дар мағозаҳои "Берёзка" мошин меҳариданду молҳои нодирро дастрас менамуданд, балки барои он ки он сафар рамзи бовар буд, бовар ба донишу лаёқати ту. Туро ба як кишваре мефиристанд, ки сухан гуфтану сухан фаҳмидан дар он чузъе аз дипломатия буд.

Муаммои қазияи сафар ба Афғонистон бароям солҳо баъд ошкор шуд: як шахси баландмақоми Кумитаи марказии Ҳизби коммунист ба Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дастур додааст, ки ҷиянаш, ҷавоне насабаш Ҳамдамов аст, ба сифати тарҷумон ба Афғонистон фиристода шавад. Вазорат ин дастурро ҷиддӣ гирифта, барои иҷрои он иқдом мекунад. Ҳамон рӯзи имтиҳон, Ҳамдамов дар рӯйхати афроде сабт мешавад, ки ба ҳайси мутахассис барои хизмат ба Афғонистон пешниҳод шуда буданд.

Аммо сарнавишт бозиҳои аҷибе дорад. Ба ҳукми тасодуф, ба ҷойи Ҳамдамов ман - Ҳамдамови дигар ба он утоқи имтиҳонсупорӣ даъват шудам. Он дақиқаҳое, ки ба назари кас содда менамуданд - тарҷума, фаҳмиши матни дарӣ ва посух ба чанд саволи оддӣ, дар асл дарвозае шуданд ба ҷаҳоне дигар. Он лаҳза, ки қалам дар даст доштам ва дида ба рӯи коғаз медӯхтам, намедонистам, ки дар ҷои шахси дигар қарор дорам, ки ин сафари хизматӣ бояд насиби ӯ мешуд.

Соле пас, вақте ки шахси масъул аз Кумитаи марказӣ аз Вазорат мепурсад, ки чаро дастури ӯ дар мавриди фиристодани ҷиянаш иҷро нашуд, вазир бо тааҷҷуб мегӯяд:

- Ӯ кайҳост рафт. Аллакай як сол мешавад, ки дар Афғонистон фаъолият мекунад...

Он лаҳза нишон дод, ки дар баробари ирода, дониш ва заҳмат, гоҳе заррае аз тасодуф метавонад роҳи одамро дигар кунад, агар инсон барои он лаҳзаи тасмимгирӣ омода бошад.

Агар хоҳед, метавонем ин қиссаи тасодуфро дар ҳошияи мавзӯи “қисмат ва интихоби шахсӣ” густариш диҳем.

### ОБИ ЗУЛОЛЕ БУД Ӯ...

Ҳар марде, ки номаш пас аз марг ҳам бо эҳтиром зикр мешавад, бешак дар рӯзгори худ ҷашмаи некиву одамгарӣ будааст. Муродуллоҳ Шерализода аз ҳамин гуна одамон буд. Ӯ дар зиндагӣ падидае аз ҳақиқат ва инсонияти ростин, намунаи равшани дониш, меҳрубонӣ ва фурӯтанӣ буд, ки дар ёди дӯстон бо ишқи самимии башардӯстона боқӣ мондааст.

Абдунабӣ Амонбоев, шогирди мактаби одамгарии ӯ, хотирае дорад, ки ҳарф мезанад, аммо на бо забон, балки бо қалб. Ӯ мегӯяд:

*“Он ду рӯзе, ки ҳаёт ҳаст,*
*чунон бояд зист,*
*Ки зи бегонаву аз хеш*
*дуое бирасад...”.*

Муродуллоҳ боре аз сафари хидматӣ аз Афғонистон баргашта, меҳмони хонаводагии Амонбоевҳо мешавад. Бо табассум ва эҳсоси муҳаббат китобчаи “Машқи хат”-ро ба дасти наврасе медиҳад ва мегӯяд: “Ин китобро гир, як рӯз ба он зарурат мешавад”. Гӯё ин гуфта пораи як фалсафа, оянддаро аз чашми хирад дидан буд. Ва воқеан, баъдтар дар як лаҳзаи ҳалкунанда, ҳамон “машқи хат” василаи гузаштан аз имтиҳони муҳими амниятӣ мегардад.

Шерализода дӯстони зиёдеро дошт, вале аз ҳар яке бо як тарзи хос ғамхорӣ мекард. Вақте ки Абдунабӣ дар Душанбе барои дохилшавӣ ба донишгоҳ талош мекард, аз паси се баҳои “4” ҳавотир буд. Аммо бобои Амонбояш ба Муродуллоҳ мурoҷиат мекунад ва ӯ дар посух мегӯяд: “Ако, набераатон ба донишгоҳ дохил мешавад. Агар се баҳои чор гирифтааст, чорумаш поинтар намешавад”. Ӯ ҳатто дар рухсатӣ аз деҳаи Кулолӣ ба пойтахт меояд, то ҳолу аҳволи ин ҷавонро бипурсад.

Дар ин тасвир, Муродуллоҳ танҳо як шахси хайрхоҳ нест, балки мактаби зиндаи инсондӯстист. Ӯ на танҳо ёрӣ медод, балки ҳамеша мекӯшид аз одамон беҳтаринашонро дастгирӣ кунад. Ҳар кори неке, ки мекард, бо як соддагӣ ва бе ҳеч миннат анҷом медод. Барои ҳамкорону дӯстонаш хонаи ӯ гӯё мактаби меҳрубонӣ буд. Дар Афғонистон, дар фазои сиёсии сарчашмаи мушкил, як чеҳраи тоҷик бо чунин муҳаббат ва иззат ёд мешуд, ки ҳатто яке аз раҳбарони афғон гуфт: “Агар Шуравӣ Муродуллоҳ барин даҳ мушовир мефиристод, ба танку тӯпу тайёраҳои ҳарбӣ эҳтиёҷ намемонд”.

Абдунабӣ меафзояд:

“Дар ҷодаи инсонгарой, Шерализодаро устоди худ мешуморам. Ӯ ба ман дарси бовар, диди зиндагӣ ва маънии ростӣ дод. Агар имрӯз ман чизе ҳастам, он аз мактаби одамгарии ӯст. Ӯ оби зулол буд - мусаффо, беолоиш ва зинда...”.

Ва шояд ҳамин аст фалсафаи зиндагии Муродуллоҳ Шерализода - инсон бояд то он ҳад зияд, ки ҳатто баъд аз рафтанаш касе гӯяд: “Ӯ одам буд, як инсони комил”.

**(Давом дорад)**

**Шариф ҲАМДАМПУР**

ТАҲЛИЛ

**Дар чор моҳи аввали соли 2025 гардиши мол миёни Тоҷикистону Русия ба беш аз 760 миллион доллар расид. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 фоиз зиёд аст. Ин маълумотро Соҳибҷон Зиёев, сардори шуъбаи ҳамкориҳо бо давлатҳои хориҷи назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи миссияи тиҷоратии ширкатҳои Русия дар Душанбе зикр намуд.**



# ПЕШГӮИИ БАОР

## Иқтисоди Тоҷикистонро ду соли оянда чӣ интизор аст?

Тоҷикистон соли 2025 ва солҳои наздик рӯ ба рушди устувор дорад. Мувофиқи гузориши ахири Бонки авруосиёии рушд (БАОР), суръати афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар соли 2025 дар сатҳи 8,4% боқӣ мемонад. Дар солҳои 2026 ва 2027 бошад, он дар сатҳи 8% ва 7,1% пешбинӣ шудааст. Ин нишон медиҳад, ки иқтисоди Тоҷикистон бо вуҷуди хатари беруна ва мушкилоти мавҷуда, роҳи рушди устуворро пеш мегирад.

### ОМИЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОД

Афзоиши талаботи дохилӣ, сармоягузорӣ дар бахшҳои калидӣ, афзоиши нархи тилло ва истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ нақши муҳим доранд. Тилло ва маъданҳо кӯҳӣ молҳои асосии содиротии кишвар ба шумор мераванд. Таъсири мусбати бахшҳои истихроҷи филузот ва энергетика ба рушди иқтисод дар соли 2025 хеле рӯшан аст. Истехсол дар соҳаи истихроҷи маъданҳо 80% афзоиш ёфтааст. Бахши энергетика низ рушди 10%-ро нишон додааст.

### АЗ САРМОЯГУЗОРӢ ТО ДАРОМАД

Коршиносони БАОР ба ин боваранд, ки даромади воқеии аҳолӣ ба таври устувор меафзояд. Маоши миёна дар ду моҳи аввали соли 2025 ба 21,6% боло рафтааст. Ин ба афзоиши талаботи дохилӣ ва ҳаҷми савдои чакана мусоидат мекунад. Инчунин, интиқоли маблағ аз муҳоҷирони меҳнатӣ бо афзоиши 20,8% ба иқтисоди хонаводагӣ ва истеъмол таъсири мусбат дорад.

Ҳарчанд сармоягузорӣ дар семоҳаи аввали соли 2025 каме коҳиш ёфтааст (10,1%), ин ҳолат бештар аз заминаи баланди соли гузашта маншаъ мегирад. Бо татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва дастгирии байналмилалӣ интизор меравад, ки сармоягузорӣ дар давоми соли 2025 эҳё шавад.

### БУҶЕТ

Сарфи назар аз афзоиши хароҷоти давлатӣ ба андозаи 33%, даромад ба буҷети кишвар барзиёд боқӣ мемонад - 1,2 млрд сомонӣ, ё худ 3,7%-и ММД. Мутахассисони БАОР бар ин назаранд, ки сиёсати молиявии давлатӣ ҳамоно мутавозин ва ҳавасмандкунанда боқӣ монда, ба дастгирии соҳаҳои калидӣ ва қишрҳои осебпазири аҳолӣ нигаронида шудааст.

### АЗ РУШДИ ИҚТИСОД ТО ХАТАРҲО

Бо вуҷуди рӯ ба рушд будани иқтисоди Тоҷикистон, хатари беруна, ба монанди коҳиши нархҳои ашёи хом ва камшавии интиқоли маблағ аз муҳоҷирон, метавонад таъсири манфӣ расонад. Бо вуҷуди ин, таҳлилгарони БАОР таъкид мекунанд, ки кишвар захираҳои кофӣ барои бартараф кардани ин хатарҳо дорад. Сиёсати буҷетии фаъоли давлатӣ ва ҷалби сармояи байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки таъсири манфӣ кам гардад.

Таваррруми Тоҷикистон дар соли 2025 тақрибан 3,6% мебошад, ки дар доираи ҳадафҳои Бонки миллӣ қарор дорад. Бонки миллӣ меъёри бозтамвилиро паст намуда, ба рушди иқтисод кумак мекунад. Бо вуҷуди ин, эҳтимол аст, ки дар соли 2026 меъёр боло равад, то таваррум дар доираи мақсаднок нигоҳ дошта шавад.

Тибқи пешгӯии БАОР, солҳои 2026-2027 таваррум дар ҳудуди муқарраргардида боқӣ мемонад. Аммо бо назардошти талаботи устувори истеъмолӣ, афзоиши нархҳо ба маҳсулот ва тадриҷан коҳиш ёфтани қурби сомонӣ, метавонад ба ҳадди болоӣ (то 6%) наздик шавад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

ТИҶОРАТ

# АЗ СИФР БА САДҲО ТОННА

**Баъди боз шудани марзи Тоҷикистону Қирғизистон, гардиши мол миёни вилояти Суғд ва Қирғизистон афзоиш ёфт.**



Бино ба иттилои Ҳокимбек Накҳатзода, сардори Сарраёсати Агентии давлатии омори назди Президенти Тоҷикистон дар вилояти Суғд, танҳо дар панҷ моҳи аввали соли 2025 ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Суғд ва Қирғизистон ба 4,1 миллион доллар баробар шудааст. Дар асоси маълумоти оморӣ, ҳаҷми содирот ба Қирғизистон 1,6 миллион доллар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,59 миллион доллар бештар аст.

Ҳаҷми воридот аз Қирғизистон ба 2,5 миллион доллар расида, нисбат ба панҷ моҳи соли гузашта 2,42 миллион доллар зиёд мебошад.

Ин дар ҳолест, ки соли 2024 гардиши мол байни ду ҷониб ҳамагӣ 2 номгӯйро фаро мегирифт, аммо дар панҷ моҳи соли 2025 ин ба 10 номгӯй расидааст.

Ба гуфтаи Ҳокимбек Накҳатзода, маҳсулоти содиротие, ки дар ҳамин давраи соли гузашта ба сифр баробар буд, дар панҷ моҳи соли равон ба 1489 тонна расид.

САРМОЯГУЗОРӢ

# СУЛТОН РАҲИМЗОДА БА РАЁСАТИ AIIB РОҲ ЁФТ

**Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Султон Раҳимзода муовини раиси Маҷлиси солонаи Бонки Осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ (AIIB) интихоб шуд.**

Интихоби Султон Раҳимзода ба ин мақоми баланд бозгӯи боло рафтани нуфузи Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ва талошҳои пайвастаи кишвар дар самти густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ аст.

Ҷаласаи солонаи Шурои мудирони AIIB чанде пеш дар шаҳри Пекин баргузор гардид. Дар он Султон Раҳимзода ҳамчун мудир аз Тоҷикистон иштирок кард. Дар ҳошияи ҷаласа мулоқоти вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ Султон Раҳимзода бо Ноиби президенти Бонки Осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ Константин Лимитовский баргузор гардид.

Дар доираи ин вохӯрӣ созишномаи грантӣ ба маблағи 2,04 миллион доллар барои дастгирии лоиҳаи "Сохтмо-



ни роҳи Обигарм - Нуробод" ба имзо расид.

Ёдовар мешавем, ки ба ҳолати 1-уми майи соли 2025 бонки мазкур дар Тоҷикистон барои татбиқи 4 лоиҳаи сармоягузорӣ дар ҳаҷми 410,5 миллион доллар маблағ ҷудо намудааст. Аз ҷумла, дар моҳи декабри соли 2024 барои лоиҳаи НБО-и "Роғун" 270 миллион доллар қарз ҷудо карда шуд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# 5 МАСЛИҲАТ БА ДОНИШҶӮЁН

**Донистани асосҳои маърифати молиявӣ барои ҳар нафар, бахусус донишҷӯён хеле муҳим аст. Донишҷӯён одатан бо даромади маҳдуд, мисли кумакпулии падару модар, стипендия ё кори нимрӯза зиндагӣ мекунанд. Дар чунин ҳолат, қобилияти бонақшагирӣ ва идора кардани хароҷот метавонад дар таъмини зиндагии устувор ва оромии онҳо нақши муҳим гузорад.**

**Якум,** тартиб додани буҷети моҳона. Буҷет нақшаи молиявии моҳона аст, ки дар он даромаду хароҷот қайд карда мешаванд. Масалан, агар даромади моҳонаи донишҷӯ аз ҳисоби стипендия 400 сомонӣ, кумаки падару модар 500 сомонӣ ва даромади кори нимрӯза 500 сомонӣ бошад, ҷамъ 1400 сомонӣ мешавад.

Хароҷот метавонад чунин бошад: иҷора - 500 сомонӣ, роҳкиро - 150 сомонӣ, хӯрок - 500 сомонӣ, телефон ва интернет - 100 сомонӣ, китобу дафтар - 50 сомонӣ. Ҷамъи хароҷот - 1300 сомонӣ. Маблағи боқимонда - 100 сомониро метавон барои пасандоз ё ҳолатҳои зарурӣ захира кард.

**Дуюм,** танзими хароҷоти ҳамарӯза. Баъзан маблағ барои хароҷоти хурд, мисли қаҳва, таксӣ ё хӯрокҳои зудтайёр сарф мешавад. Масалан, ҳар рӯз 10 сомонӣ харҷ кардан дар як моҳ ба 300 сомонӣ мерасад. Бо назорат кардани хароҷоти хурд, метавон маблағи зиёдро сарфа кард. Барои ин истифодаи рӯзномаи молиявӣ ё барномаи мобилии баҳисобгирии маблағҳо тавсия дода мешавад.



**Сеюм,** бартарӣ додан ба хароҷоти муҳим. Барои донишҷӯ аввалиндараҷа инҳо бояд бошанд: иҷора ё ҷойи зист, хӯрок ва хариди ашёи хониш. Хариди чизҳои ғайризарурӣ, мисли либоси гарон, телефону техникаҳои нав лозим нестанд. Инҳо бояд то беҳтар шудани вазъи молиявӣ ба таъхир гузошта шаванд.

**Чорум,** кӯшиши даромаднок шудан. Агар имкон бошад, донишҷӯ метавонад корҳои фосилавиро (freelance) анҷом диҳад. Масалан, репетиторӣ кунад, маҳсулоти ҳунари дастиро фурӯшад, дар озмуну олимпиадаҳо, чорабиниҳои сатҳи донишгоҳӣ иштирок намояд ва мукофотпулӣ гирад. Аз ҳама муҳим доштани завқу ҳохиш аст.

**Панҷум,** захира кардани маблағ. Ҳатто, агар донишҷӯ дар як моҳ танҳо 100 сомонӣ пасандоз намояд, дар як сол ин ба 1200 сомонӣ мерасад. Ин захира метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ, мисли беморӣ, таъмири телефон ё хариди китобҳо муфид бошад.

Бинобар ин, танзими хароҷот одати хуб аст ва он қобилиятро талаб мекунад. Донишҷӯе, ки имрӯз меомӯзад, ки чӣ гуна маблағашро дуруст идора кунад, фардо ба шахси мустақил ва муваффақ табдил меёбад.

# ҲАДАФ: ТАРБИЯИ



*Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ” ЯКЕ АЗ КАЛОНТАРИН ТАЪЛИМГОҲҲОИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР МАРКАЗИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН БУДА, БАЙНИ ДИГАР ДОНИШГОҲҲОИ КИШВАР МАҚОМИ ХОССАРО СОҲИБ АСТ. ИМРӮЗ ДОНИШГОҲ ДОРОИ ИҶОЗАТНОМАИ ФАЪОЛИЯТ АЗ ТАРАФИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ДАР НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МЕБОШАД.**

Аҳли илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, амалӣ сохтани рисолати бузурги касби омӯзгорӣ, роҳандозӣ намудан ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи наслиояндаи ҷомеа, рушди арзишҳои маънавию ахлоқии халқи соҳибфарҳангу соҳибтамаддун дар алоқамандӣ бо арзишҳои умумибашарӣ саъю талоши зиёде ба кор мебаранд. Чунончи, пешрафт ва тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳуриамон, пеш аз ҳама, аз сатҳ ва дараҷаи пешрафти соҳаи маориф, илм ва таълиму тарбияи наслиояндасози кишвар вобастагии ногусастанӣ дорад.

Раванди ҷаҳонишавие, ки имрӯз дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуқуъ пайвастааст, тақозои онро дорад, ки мо аҳли илму маориф бояд нишондодҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ ҳамоҳанг созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо бозори меҳнат густариш дода, сатҳи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондодҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем.

## ФАЪОЛИЯТИ БЕШ АЗ 45-СОЛА ВА ҲАДАФҲОИ ИМРӮЗА

Фаъолияти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар зарфи зиёда аз 45 соли мавҷудияташ дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба ҳамагон маълум аст. Донишгоҳ санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармонҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, барномаҳои дурнамои ҳукумативу Вазорати маориф ва илмро дар иртибот ба илму маориф дастурамали кори худ қарор дода, дар татбиқи амалии онҳо дар қатори дигар таълимгоҳҳои олии номдори кишвар ҳиссаи сазовори худро гузошта истодааст.

Айни замон ҳадафи асосии донишгоҳ чунин аст:

- таъмини босифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири самтҳои омӯзгорӣ, иқтисодиву соҳибкорӣ аз дараҷаи бакалавр то доктор (PhD) ва доктори илм, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот тавассути татбиқи пурраи низоми таҳсилоти кредитӣ, корбасти тарзу усулҳои фаъол ва пешқадами таълим.

## САМТИ ТАЪЛИМ

Дар донишгоҳ мутахассисон аз рӯйи 94 ихтисос (94 ихтисос дар таҳсили рӯзона), 51 ихтисос дар таҳсили фосилавӣ ва 28 ихтисос дар зинаи магистратура омода карда мешаванд.

Айни замон дар донишгоҳ 20798 нафар донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз инҳо 8579 нафар дар таҳсили рӯзона, 11898 нафар дар таҳсили фосилавӣ ва 321 нафар дар шуъбаи магистратура таҳсил менамоянд.

Дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, таъсиси гурӯҳҳои таълимашон бо забонҳои хориҷӣ диққати асосӣ дода мешавад. Айни ҳол дар донишгоҳ 31 гурӯҳи таълимашон бо забони русӣ дар факултетҳои математика, физика, техникӣ ва технологӣ, педагогӣ ва варзиш, таърих ва ҳуқуқ, сиёсат ва идораи давлатӣ, химия ва биология, технологияи рақамӣ ва ҳифзи иттилоот, гумрук ва таҳлили иқтисодӣ ва 5 гурӯҳи таълимӣ бо забони англисӣ дар факултети молиявию иқтисодӣ, сиёсат ва идораи давлатӣ амал менамоянд.

Дар донишгоҳ таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи ду самт - омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ ба роҳ монда шудааст ва бо 36 муассисаи таълимии ноҳияҳои Кӯшониён, Левакант, шаҳри Бохтар, ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ шартномаи ҳамкорӣ баста шудааст.

Ҳамзамон, бо 75 корхонаҳои истеҳсолӣ, аз қабили Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ва вилояти Хатлон, КИ ҲХДТ дар шаҳри Бохтар ва вилояти Хатлон, муассисаҳои тиббии шаҳри Бохтар ва вилояти Хатлон ва дигар корхонаву ташкилотҳо шартномаи ҳамкорӣ дорад.

Дар соли таҳсили 2024-2025-ум 1450 нафар дар таҳсили рӯзона (аз ҷумла равияи омӯзгорӣ - 807 нафар, равияи ғайриомӯзгорӣ - 643 нафар), 2653 нафар дар таҳсили фосилавӣ, 122 нафар дар шуъбаи магистратура ва 69 нафар тариқи квота донишгоҳро хатм намудаанд.

Дар маркази касбомӯзии ноҳияи Хуросон курси тайёрии назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав амал менамояд, ки дар он 21 нафар довталабон аз рӯйи кластери 5-ум омода карда мешаванд. Дар марказ 38 нафар калонсолон дар доираи ҳамкории шарикони рушд бо касби ошпаз, челонгари таъмири автомобил ва кафшергари барқӣ соҳиби шаҳодатнома мегарданд.

Дар соли таҳсили 2024-2025 донишгоҳро 70 нафар бо дипломи аъло хатм намуданд, ки ин нишондод нисбат ба солҳои пешин зиёд аст.



## САМТИ ИЛМ

Дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои фаъолияти илмӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст ва дар озмоишгоҳҳо корҳои илмӣ дар сатҳи баланд ҷараён мегиранд, маҳфилу семинар, конференсияҳо ва мизҳои мудавваре, ки дар назди факултетҳо ва кафедраҳо ташкил ва баргузор карда мешаванд, ба вусъати илмии донишгоҳ мусоидат мекунанд.

Соли 2024 дар донишгоҳ 28 нафар ва дар соли 2025-ум 25 нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд.

Дар соли 2024 дар қатори дигар довталабони озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолона иштирок намуда, бо гирифтани 3 ҷойи дуюм, 1 ҷойи сеюм ва 1 ҷойи ифтихорӣ дар миёни зиёда аз 40 муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мақоми сеюмро ишғол намуданд.

Дар соли 2025 дар озмуни ҷумҳуриявии “Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон” омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд. Аз ҷумла Раҷабов Яҳёҷон Баҳриддинович - донишҷӯи курси панҷуми факултети химия ва биология, ихтисоси химия ва биология, ҷойи якум миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр), дар бахши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар самти химия ва биология, Тохторова Юлдузхон Саидқуловна - магистранти курси дуюми факултети химия ва биология, ихтисоси биология, дар бахши фанҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ дар самти фарматсевтӣ сазовори ҷойи якум, Сироҷиддинов Афзалшо Камариддинович - магистранти курси дуюми факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ, дар бахши фанҳои гуманитарӣ дар самти сиёсатшиносӣ соҳиби ҷойи дуюм, Карашмаи Мустақимзода - донишҷӯи курси 4-уми факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, ихтисоси сиёсат ва идораи давлатӣ, ҷойи сеюм аз рӯйи равияи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, Сатторова Гулноза Абдурасуловна - донишҷӯи курси 3-юми факултети забон ва адабиёти рус, ихтисоси забон ва адабиёти рус, аз рӯйи равияи фанҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ҷойи сеюм аз фанни забони русӣ, Раҳимов Беҳрӯз Абдуҷабборович - до-

# МУТАХАССИСОНИ РАҚОБАТПАЗИР



нишҷӯи курси 5-уми факултети химия ва биология, ихтисоси химия ва биология, ҷойи сеюм аз рӯйи равияи фанҳои табиатшиносию риёзӣ, аз фанни биология-экология, Латипов Баҳодур - донишҷӯи курси 3-юми факултети физика, ихтисоси физика-информатика, барои ишғоли ҷойи сеюм дар 5-умин Озмун (олимпиада)-и ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти “Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” аз рӯйи равияи физика, Холов Шаҳбоз - донишҷӯи курси 1-уми факултети технологияи рақамӣ ва ҳифзи иттилоот, ихтисоси информатика, барои ишғоли ҷойи сеюм дар Озмуни ҷумҳуриявии “Дизайнер ва барномасози беҳтарин” миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти “Ҷоми ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” аз рӯйи номинатсияи “Дизайнер ва сомонасозӣ бо татбиқи технологияи муосир”, Хошокова Маъво - донишҷӯи курси 4-уми факултети филологияи тоҷик, ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик, барои ишғоли ҷойи сеюм дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Ҳар он кас, ки Шоҳномахонӣ кунад...)” ба ифтихори Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон гардиданд, ки боиси ифтихори Раёсати донишгоҳ аст.

Ҳамзамон Комилӣ Абдулҳай Шарифзода дар озмуни ҷумҳуриявии “Олими сол” миёни омӯзгорон ва олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дастовардҳо дар равияи фанҳои физика ва астрономия сазовори ҷоизаи “Олими сол-2025” гардид.



### РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Таҳкиму густариши робитаҳои байналмилалӣ дар самти илм ва маориф, аз ҷумла табодули устодону донишҷӯён, иштироки мутақобила дар ҳамоишҳои илмӣ, таҳия ва роҳандозии барномаҳои муштараки таълимии зинаи бакалавр ва магистратура, роҳандозӣ ва таъмини фаъолияти мунтазами шуроҳои дифои байнидавлатӣ, ҷалби олимони варзидаи соҳавӣ ба фаъолияти шуроҳои дифои ватанӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои грантӣ ва амсоли ин аз самтҳои калидии робитаҳои илмии байналмилалӣ ба шумор меравад.

Дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, пайваста тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Айни ҳол дар ин боргоҳи илму маърифат 65 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил менамоянд, аз ҷумла аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон 60 нафар, Ҷумҳурии Туркманистон - 2 нафар, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон - 1 нафар, Федератсияи Русия - 1 нафар ва аз Ҷумҳурии Қазоқистон 1 нафар.

Дар соли таҳсили 2024-2025 донишгоҳро 17 нафар донишҷӯён аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шуъбаи фосилавӣ хатм намуда, сазовори диплом гардиданд.

Ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва созмонҳои байналмилалӣ аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти донишгоҳи мазкур ба шумор меравад. Айни ҳол донишгоҳ бо 36 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ оид ба табодули устодону донишҷӯён, иштироки мутақобила дар ҳамоишҳои илмӣ, таҳия ва роҳандозии барномаҳои муштараки таълимии зинаи бакалавр ва магистратура, гузаронидани конференсияҳои илмӣ-методӣ, хондани лексияҳо аз тарафи устодони донишгоҳҳо, навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, гузаронидани курсҳои такмили омӯзгорон ва ғайраро дорад. Аз ҷумла бо Донишгоҳи давлатии педагогии шаҳри Алтайи Федератсия Русия, Донишкадаи химикӣ-технологии шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидааст.

Рушди ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибаивазкунии устодон, табодули донишҷӯёну магистрони донишгоҳ, ташкили Марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар нақшаҳои дурнамои раёсати донишгоҳ ва шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар мадди аввал истода, барои амалӣ намудани он чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Тайи солҳои охир теъдоди зиёди омӯзгорону кормандони Донишгоҳи Бохтар аз Ӯзбекистон, аз ҷумла ба шаҳрҳои таърихӣ, аз қабили Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Хива ва Хоразм сафар карда, робитаҳои илмию фарҳангиро таҳким бахшиданд.

Дар доираи рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва ташаббуси раёсати донишгоҳ ва Сафорати Корея аз Донишгоҳи Йонгнами Кореяи ҷанубӣ ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар санаи 5.09.2024 намояндагони донишгоҳи мазкур ташриф оварданд.

Дар фазои тантанавӣ байни донишгоҳҳои мазкур шартномаи ҳамкорӣ оид ба табодули устодону донишҷӯён, иштироки мутақобила дар ҳамоишҳои илмӣ, таҳия ва роҳандозии лоиҳаҳои муштарак оид ба таълими забони кореягӣ, омода намудани мутахассисони соҳаи информатика дар зинаи бакалавр ва магистратура, гузаронидани конференсияҳои илмӣ-методӣ, хондани лексияҳо аз тарафи устодони донишгоҳҳо ва дар оянда кушодани ихтисоси забони кореягӣ дар факултети забонҳои хориҷӣ, курсҳои такмили омӯзгорон ва ғайра баста шуд.



Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои хониши 2024-2025-ум 13 созишномаю шартномаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ баста шудаанд.

Омӯзиш ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки пешрафти кишварҳо, бахусус муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз робитаҳои гуногунсамти ҳамдигар вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, сафарҳои корӣ дар доираи ҳамкориҳои анҷомёфта, умед аст, ки натиҷаҳои хуб ба бор меоранд.

Дар солҳои хониши 2024-2025-ум 18 маротиба намояндагони ДДБ ба номи Носири Хусрав ба хориҷи кишвар сафари корӣ анҷом додаанд.

Ҳамзамон, санаи 20-уми июни соли 2025 ректори Донишгоҳи забонҳои хориҷии Сиани музофоти Шэнсии Ҷумҳурии мардумии Чин ҷаноби Ву Яову ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташриф оварданд. Дар мулоқот ҷонибҳо бо мақсади вусъат бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба, иштирок дар конфронсҳои илмӣ, табодули таҷриба, нашри маводҳои таълимӣ ва дигар масоили марбут ба илм созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расониданд.

Ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамаи дастуру супоришҳоро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ намуда, баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони баландпояи илмию омӯзгорӣ саҳми муносиби худро хоҳанд гузошт.

### САМТИ ВАРЗИШ

Дар Маҷмааи варзишии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол даври ҷумҳуриявии Спартакиадаи варзишӣ аз рӯи намудҳои футболи хурд, тенниси рӯи миз ва шоҳмот байни кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ҷамъбаст гардид.

Дар ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии Спартакиадаи варзишӣ дастаи футболи хурди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мақоми сеюмро касб намуд. Дар байни бонувон дастаи теннисбозони донишгоҳ мақоми дувум ва дар байни дастаи шоҳмотбозон - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мақоми сеюмро касб намуданд.

Дар доираи дастури Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо аҳли ҷомеаи футболи кишвар бо супориши раиси Федератсияи футболи вилояти Хатлон, раиси вилоят муҳтарам Давлаталӣ Саид бори аввал дар вилоят Лигаи футзали донишҷӯён баргузор гардид. Ин мусобиқа бо ҳузури 7 дастаи донишгоҳҳои худуди вилоят доир гардид ва марҳилаи ниҳоии он бо маросими бошукӯҳи ҷоизасупорӣ дар маҷмааи варзишии ноҳияи Данғара анҷом ёфт. Дар натиҷаи рақобатҳои шавқовар дастаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо 25 имтиёз ҷойи сеюмро ишғол кард. Ғолибон бо Ҷом, Ифтихорнома ва медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Раёсати донишгоҳ минбаъд низ тамоми шароиту имкониятҳои заруриро барои роҳандозии тарзи ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш ва баҳри татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ роҳандозӣ менамояд.

Абдуҳалим Ғаффорзода:

# ДАР СИЁСАТ НОДУРУСТ ПО ГУЗОШТАН - АФТОДАН ДАР ЧОҲ АСТ!



**РАВЗАНАИ ОШНОӢ:**

**Абдуҳалим Ғаффоров 24-уми декабри соли 1951 дар деҳаи Кулолӣ, шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд ба дунё омадааст. Омӯзгор, ходими сиёсӣ, раиси Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (2004-2024), номзади интихоботҳои президентии Тоҷикистон 2006, 2013 ва 2020 мебошад. Ду навбат вакили парлумон. Солҳо дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунандаву ҷамъиятӣ фаъолият кардааст. Бо медалҳои «Барои шуҷоат», «5, 10, 15-солагии Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «130-солагии Сталин», «20 лет вывода советских войск из Афганистана», «65-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ» ва «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.**

**- Фаъолияти сиёсии шумо аз куҷо оғоз шуд?**

- Баъди хатми мактаби олӣ ва дар кор дар Ҷумҳурии демократии Афғонистон. Дар давраи ҳассос дар Афғонистон будам. Ҳизбҳои гунони сиёсӣ дар рақобат буданд. Барнома ва вазифаи онҳоро мавриди омӯзиш қарор дода будам. Албатта, ворид шудан ба сиёсат кори саҳлу осон нест, зеро ин роҳ душвориҳо дорад, иродаи матин лозим аст. Сиёсат тағйир, ташаккул ва инкишоф меёбад. Дар сиёсат ҳамон вақт мавқеъ ва мароми худро меёбед, ки моҳияти онро дарк кунед ва равандҳои онро таҳлилу баррасӣ карда тавонед. Дар сиёсат нодуруст по гузоштан - ин афтодан ба чоҳ аст.

Соли 1998 ман аввалин маротиба зери роҳбарии Сафаралӣ Кенҷаев комитети Ҳизби сотсиалистии шаҳри Душанберо роҳбарӣ кардам. Он вақт бисёр давраи ҳасосу нозук буд. Бисёр мардум моҳияти асосии сиёсатро дарк намекарданд.

**- Ҳизбе, ки шумо онро роҳбарӣ мекардед, дар фазои сиёсии Тоҷикистон чӣ нақш дошт ва дорад?**

- Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон дар фазои сиёсии кишвар нақши муҳим ва хоси худро дорад. Мо ҳамчун як ҳизби сиёсие, ки ҳадафаш пешбурди манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус коргарон, маъюбон, пиронсолон ва оилаҳои камбизоат мебошад, фаъолият мекунем. Ҳизби мо кӯшиш мекунад, ки тавассути барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки асосаш ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои мардум аст, саҳми худро дар ташаккули ҷомеаи демократӣ ва пешрафти иқтисодӣ гузорад.

Дар интихоботҳои гуногун мо бо пешниҳод кардани номзадҳои худ фаъолона дар мубоpизаи сиёсӣ иштирок карда, имкони ифодаи афкор ва талошҳои худро пайдо кардем. Ҳизби сотсиалистӣ ҳамеша талош кардааст, ки мавқеъ ва манфиатҳои табақаҳои заифтарро дар сиёсати кишвар ба назар гирад ва дар қабули қарорҳо ин назарҳоро инъикос кунад. Мо ба низоми интихоботӣ ва қонунҳои кишвар эҳтиром мегузорем ва ҳадафамон ҳамеша идомаи фаъолият дар доираи қонун ва Конститутсия мебошад.

Ман вақте сарварии ҳизбро ба уҳда гирифтам, давраи мушкилтарин буд. Пеши худ мақсад гузоштам, ки ҳамин ҳизбро парлумонӣ мекунам. Ва ин мақсади худро дар амал татбиқ кардам. Ба ғайр аз ин, дар маҷлисҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ вакилони мо интихоб шуданд. Ҳизб ҳамон вақт рушду такомул меёбад, ки агар воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеаро бо тарозуи хирад чену бар кунад.

**- Шумо дар чанд интихоботи президентӣ ҳам номзад будед. Чӣ бардоште аз ин таҷрибаи зиндагӣ доред?**

- Албатта номзадӣ ба президентӣ кори саҳлу осон нест. Бисёр мардум тасаввур мекунанд, ки мо ҳамту худамон бо супориши ягон нафар ба интихобот рафтем. Не охир! Дар Конститутсияи мо навишта шудааст, ки номзад ба президентии Тоҷикистонро ҳизби сиёсӣ пешниҳод мекунад. Соли 2006 ман аввалин маротиба ба номзадӣ пешниҳод шудам. Албатта он вақт душманҳои ман хеле зиёд буданд. Маро 18 маротиба ба суд ҷеғ заданд. Ҳатто бюрои сиёсии СММ ба муқобили ман баромад, ки ҳақи иштирок надорам. Вале дар ҷавоб ба ҳама гуфтам, ки ман дар доираи қонунҳои мавҷуда амал мекунам ва аз роҳам нагаштам.

**- Имрӯзҳо, дар бознишастагӣ ба чӣ кор машғул ҳастед?**

- Машғули кори эҷодӣ ҳастам. То имрӯз 10 китоби ман нашр шудааст. Ду повест - “Савдои умр” ва “Сафари хуршед”-и ман ба дасти хонанда расидааст. Тарҷумаҳо низ дорам. Ҳоло пас аз бознишастагӣ ва қатъи фаъолияти сиёсӣ ба кори эҷодӣ машғулам.

**- Дар охир чӣ гуфтание доред?**

- Мехоҳам дар кишварамон сулҳу ваҳдат пойдор ва ризқу рӯзӣ фаровон бошад!

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**



**Ҳамасола бо фаро расидани фасли тобистон ҳарорати ҳаво дар бисёр минтақаҳо, бахусус шаҳри Хуҷанд бисёр баланд мешавад. Гоҳо нишондиҳандаи гармӣ метавонад аз +40°С баланд бошад. Дар чунин вазъ бояд аз маҳсулоти зуднобудшаванда эҳтиёт кард, зеро он хатари бузург ба саломатӣ аст.**

Суғд

# ФУРӮШИ КАДОМ МАҲСУЛОТ ДАР ТОБИСТОН МАНЪ ШУД?

Мо бо директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Суғд Раҳмонзода Султон Раҳмон оид ба ҳарорати баланд, маҳсулоти зудвайроншаванда ва таъсири он ба саломатии инсон суҳбате оростем, ки фишурдаи онро пешкаши шумо мекунем:

**- Айни ҳол гармии ҳаво ниҳаронкунанда аст. Ин гармӣ ба саломатии инсон чӣ таъсир расонида метавонад?**

- Офтоби тобистон дар баробари он ки ба саломатӣ ва ҳолати пӯст таъсири манфӣ мерасонад, боз фоида низ дорад. Офтоб манбаи ягонаи табиӣ аст, ки ҷисми инсонро бо ситамини “Д” таъмин ва устухонҳоро боқувват мегардонад. Аммо таъсири дурударози нурҳои ултрабунафши офтоб зарароваранд. Гармии зиёд ба рӯдаю меъдаи инсон таъсир расонида, боиси бемориҳои шадиди меъдаю рӯда ва дарунравӣ мегардад. Зиёд гаштан дар зери офтоб инчунин ба одамоне, ки бемории фишорбаландӣ доранд, зарари ҷиддӣ дорад.

**- Яке аз самтҳои фаъолияти шумо пешгирии бемориҳои сироятӣ аст, ки дар фасли гармо афзоиш меёбад. Барои кам кардани шиддати сироятёбӣ чӣ ташаббусро рӯйи даст гирифтаед?**

- Албатта ҳама кормандон талош ва мақсади аввалиндараҷаашон пешгирии бемориҳои сироятӣ, бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ, назорати вазъи санитарию эпидемиологии сохторҳои дар оинномаи марказ қарордошта аст.

Аслан танҳо гармӣ не, балки чаҳор фасли сол нозукиҳо ва таъсироти худро ба саломатии инсон мерасонанд. Зимистон зуком хуруҷ мекунад, дар баҳор бемориҳои диққи нафас, дар гармии тобистон бемориҳои шадиди рӯдаю меъда ва дар тирамоҳ Гепатити А (зардпарвин).

Ҳамасола дар моҳи май баробари гарм шудани ҳарорати ҳаво Қарори директори МНДСЭ-и вилояти Суғд “Дар бораи манъи фурӯши маҳсулоти зуднобудшаванда, ба монанди сихкабоби қиммагӣ, маҳсулоти қаннодии кремдор, обҳои ташнагишикани худсохт ва консерваҳои хонагӣ” содир мешавад. Мақсади асосӣ пешгирии бемориҳои шадиди меъдаю рӯда аст.

**- Истеъмоли маҳсулоти зикршуда чӣ паёмадҳо дорад?**

- Маҳсулоте чун гӯшту моҳӣ, тухм, маҳсулоти ширӣ (шир, йогурт, панир), меваву сабзавоти тару тоза, маҳсулоти қаннодӣ (торт, пирожнӣ) ва ғайра зуд зери таъсири ҳарорати баланд вайрон мешаванд. Агар ин маҳсулот дар муҳити гарм ва офтобӣ, махсусан дар бозорҳои кушод, бидуни яхдон ё муҳити хунук нигоҳ дошта шаванд, онҳо ба муҳити мусоид барои афзоиши бактерияҳо табдил меёбанд. Яке аз хатарноктарини онҳо бактерияи салмонелла ва эшерихия коли (E.coli) мебошад, ки метавонад боиси заҳролудшавии шадид гардад.

**- Тибқи Қарори зикршуда фурӯши кадом намуди маҳсулот дар кӯчаҳо манъ мешавад?**

- Фурӯши нӯшокиҳои ташнагишикан, яхмос, сихкабоби қиммагӣ, маҳсулоти қаннодии кремдор, хӯришҳои худсохти хонагӣ, консерваҳои хонагӣ, каллаю почаи яхкардашуда, оби ҷав ва дигар маҳсулоти хӯрока дар бозорҳои кушод манъ карда шудааст.

**- Дар охир ҳамчун мутахассис ба аҳолӣ чӣ тавсия медиҳед?**

- Ба ҳама истеъмолкунандагон гуфтанӣ ҳастам, ки ҳангоми харидорӣ маҳсулоти зудвайроншавандаро танҳо аз мағозаҳо ва нуқтаҳои фурӯше харед, ки яхдон доранд. Аз гирифтани хӯрокҳои кӯчагӣ дар рӯзҳои хеле гарм худдорӣ кунед. Дар шароити хона бошад, ҳамаи маҳсулоти тару тозаро бояд дар яхдон бо ҳарорати 0-4°С нигоҳ доред. Меваву сабзавотро пеш аз истеъмол хуб шуста, маҳсулоти муҳлаташ гузашта ва вайроншударо фавран партоед.

Гармиҳои тобистон ва истеъмоли ғизои зуднобудшаванда на танҳо нороҳатӣ меоранд, балки метавонанд саломатии моро зери хатар гузоранд. Аз ин ҷост, ки беҳуда нагуфтаанд: “Саломатии ҳар кас дар дасти худи ӯст!”.

**Суҳбаторо:**
**Фарзона ШАМСИЕВА**

Фархор

# ЗАН ХУД ВА 4 КӮДАКАШРО БА ДАРЁ АНДОХТ




**Дар ноҳияи Фархор як зани 27-сола худ ва 4 фарзанди ноболиғашро ба дарёи Сурхоб партофтааст. Як манбаъ дар Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар минтақаи Кӯлоб иттилоъ дод, ки ҳодиса шаби 29 ба 30-юми июн, миёни соатҳои 00:00 ва 01:00 рух додааст.**

Гуфта мешавад, ки ин зан Ҳалимова Мадина Сайфуллоевна, соли таваллудаш 13.04.1998, сокини деҳаи Нурмат Сафарови деҳоти Хутан (ҳоло деҳаи Дарёбод)-и ноҳияи Фархор будааст.

Ба зикри як манбаъ, зан вақте аз зани дигар гирифтани шавҳараш огоҳ мешавад, бо мақсади қасд гирифтан шабона худ ва кӯдаконашро ба дарё меандозад. Яъне, сабаби ҳодиса мочарои оилавӣ будааст.

Аз чор кӯдаки ин зан се нафари онҳо духтар ва яке писар буда, калониашон 5-сола ва аз ҳама хурдӣ ҳамагӣ семоҳа будаанд. Онҳо Латофат (01.09.2020), Зайнаб (22.02.2022), Ёсамин (13.09.2023) ва Муҳаммад (23.04.2025) ном доштаанд.

“Зан аз болои кӯпруки дарёи Сурхоб аввал ду фарзанди хурдсолаш Абдуллохонзода Латофат Куратулло ва Абдуллохонзода Зайнаб Куратуллоро ба дарёи Сурхоб партофта, баъдан бо худаш ду фарзанди хурдсоли дигараш Абдуллохонзода Ёсамин Куратулло ва Шарифзода Мухаммад Кудратуллоро гирифта ба дарё партофтааст”,- гуфт манбаъ.

Зикр гардид, ки баъди ба дарё партофтани худаш ва фарзандонаш зан каме болотар рафта, аз дарё баромадааст, вале фарзандонашро дигар пайдо карда натавонистааст. То ҳанӯз часади ду кӯдак пайдо шуда, ҷустуҷӯи ду кӯдаки дигар идома дорад.

Ҳоло ин зан дастгир шуда, барои одамкушӣ ё моддаи 104 нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Ин банди қонун маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз хашт то бисту панҷ сол ё ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро талаб мекунад.

Қаблан, рӯзи 30-юми июн дар шабакаҳои иҷтимоӣ аксу наворхое пахн гардиданд, ки гуфта мешуд, як зан 4 фарзанди худро ба дарё партофтааст. Дар наворҳо дида мешуд, ки масъулини мақомот аз дарё ҷасадҳоро ҷустуҷӯ доранд.

# ФАРИДУН «БА ГУНОҲАШ ИҚРОР ВА ПУШАЙМОН» ШУДААСТ

**Фаридуни Шамсиддин, яке аз гумонбарони ҳамла ба толори консертии “Крокус Сити Ҳолл” дар канори Маскав кирдори хешро иқрор карда, аз амали содиркардааш изҳори пушаймонӣ кардааст. Дар ин бора ТАСС дар такя ба Кумитаи тафтишот хабар медиҳад.**



Манбаъ менависад, ки Раҷабализода ва Далерҷон Мирзоев ҳарчанд гуноҳро пурра эътироф кардаанд, вале “аз амали содиркардаашон изҳори пушаймонӣ накардаанд”.

Дар мавриди ин парванда ҷузъиёти дигаре дар даст нест. Ҳатто маълум нест, ки гумонбарони ҳамла ба “Крокус”, ки аксарият шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд, вакили дифоъ доранд ё не.

Ёдовар мешавем, ки ҳамлаи террористӣ дар толори консертии "Крокус Сити Ҳолл"-и канори Маскав 22-юми марти соли 2024, тақрибан соати 20:00 рух дод. Чаҳор марди мусаллаҳ ба ин толор ворид шуда, тирпарронӣ карданд. Бар асари ин ҳамла 146 нафар кушта ва беш аз панҷсад нафар маҷрӯҳ шуданд.

Дар робита ба ин нисбати 19 нафар парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст, ки аксарияти гумонбарон шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд.



# НАРХИ ТАЛОҚ БОЛО РАФТ

**Маҷлиси намояндагон тағйиротро ба Қонуни ҶТ “Дар бораи боҷи давлатӣ” қабул намуд ва пас аз тасдиқи Маҷлиси миллӣ ва имзои Президенти мамлакат (як моҳ пас аз нашри расмӣ) он мавриди амал қарор мегирад.**

Дар сурати тасдиқи тағйирот, минбаъд барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар асоси аризаи яке аз ҳамсарон ба андозаи 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, дар асоси аризаи якҷояи ҳамсарон ба андозаи 10 нишондиҳанда ва дар асоси ҳалномаи суд ба андозаи 14 нишондиҳанда барои ҳисобҳо боҷ ситонида мешавад. Айни замон барои бақайдгирии талоқ дар Тоҷикистон ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо боҷ ситонида мешавад, ки 75 сомониро ташкил медиҳад. Аммо дар сурати расман қабул шудани тағйироти нав минбаъд арзиши бекор кардани никоҳ ва ба қайди давлатӣ гирифтани он аз 2 то 14 маротиба боло рафта, ҳамсароне, ки никоҳи худро бекор кардан мехоҳанд, аз 150 то 1050 сомонӣ маблағ месупоранд.

Ёдрас мешавем, ки пошхӯрии оилаҳо ва зиндаятим гаштани кӯдакон солҳои охир ба як масъалаи доғи ҳаёти ҷомеаи мо табдил ёфта, танҳо соли 2024 беш аз 9000 оила вайрон шудааст.

Умедворем, ки боло рафтани арзиши бекорсозии ақди никоҳ ва ба қайди давлатӣ гирифтани он ба кам шудани талоқ мусоидат мекунад.

# 1 МЛН ДОЛЛАРИ АБДУРОЗИҚРО ДУЗДИДАНД



**Абдурозиқ Эгамов, блогери шинохтаи тоҷик, пас аз се моҳи рахна шудани суратҳисоб (корт)-и бонкӣ ва саҳифаи инстаграмаш, ки 8 миллион корбар дошт, дубора ба онҳо дастрасӣ пайдо кардааст. Аммо беш аз 1 миллион долларро аз корташ рабудаанд.**

Муборакшо Эгамов, амаки Абдурозиқ Эгамов дар ин бора ба “Азия-Плюс” хабар дода, гуфт, ки бо ёрии вакили дифоъ рӯзи 26-уми июн саҳифаи инстаграм ва корти бонкии ин блогер баргардонида шуд.

Аммо, ба гуфтаи ӯ, маблағи суратҳисоби бонкии Абдурозиқро “кайҳо аз худ кардаанд”, ки “зиёда як аз миллион доллар” будааст.

Муборакшо Эгамов афзуд, ки ҳоло талош доранд ҳақи истифодаи канали блогерро дар шабакаи “YouTube” ва саҳифаашро дар “TikTok” бозпас гиранд.

# МОШИНРО ҶОНИБИ МИЛИСА РОНДУ...

**Раёсати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе аз боздошти як ронанда хабар дод, ки мошинро ба тарафи кормандони милиса ронда, "аз зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият истифода бурдааст".**



Дар хабарномаи ин ниҳод аз рӯзи 2-юми июл омадааст, ки Ахлиддин Одинаев дар "Бозори Корвон"-и Душанбе мунтазам қоидаҳои ҳаракатро вайрон намуда, дастури кормандони ҳифзи ҳуқуқро нодида мегирифтааст.

Ба иттилои манбаъ, кормандони пулиси ноҳияи Фирдавсӣ пас аз тафтиш ӯро боздошт кардаанд. Айни ҳол ӯ дар ҳабси пешакӣ аст ва пулис алайҳи ӯ парвандаи ҷиноятӣ боз карда, таҳқиқ давом дорад.

Назари худи ронанда ва наздиконаш ба ин қазия маълум нест.

Дар гузашта ҳам дар Душанбе ва минтақаҳои дигари кишвар мавридҳои ба тарафи кормандони милиса рондани мошин аз сӯи ронандагон рух дода буд.

# ДӮҒОБ

## нӯшобаи фоиданок дар фасли тобистон

**Бо фаро расидани фасли тобистон ва гармшавии ҳаво талабот ба нӯшокиҳои ташнагишикан меафзояд. Аз кадом нӯшокиҳо истифода барем, ки ҳам ташнагиро шиканад ва ҳам ба саломатиамон зарар нарасонад?**

Мутахассисон дар ин мавриднӯшидани дӯғобро, ки дар байни мардум бо номи «чолоб» маъмул аст, бештар тавсия медиҳанд.

Дӯғоб нӯшокии миллӣ буда, аз чакка ва сабзавоту гиёҳҳои шифобахш омода карда мешавад. Нӯшидани дӯғоб дар фасли гармо неруро дар бадан барқарор мекунад. Инчунин барои нафароне, ки дар ин фасл майли истеъмоли таом надоранд, хело муфид аст, зеро он иштиҳоовар буда, меъдаро нарм ва раванди ҳазмро осон намуда, кори рӯдаро беҳтар мекунад.

Дӯғоб аз чакка, об, намак, бодиринг, помидор, қаламфур, чаъфарӣ, шибит, пӯдина, райҳон ва дигар кабудиҳо омода мешавад.

Дӯғоб барои рӯдаҳо хеле муфид аст. Он дар ҳоли мушкилиҳои меъда метавонад кумак кунад. Дар таркиби он витаминҳои В ва С низ мавҷуд аст, ки барои масуният муҳиманд.

Ба тавсияи ғизошиносон, дӯғобро барои он дар фасли тобистон нӯшиданаш маъмул ва фоидаовар аст, ки дар рӯзҳои гармӣ ё баъди машқҳои ҷисмонӣ дӯғоб оби бадан ва неруро барқарор мекунад. Намак ва моеъи он аз беҳтарин тарзҳои барқарорсозии неру дар гармо аст.

Табибони бемориҳои дил тавсия медиҳанд, ки нафароне, ки дар рӯзҳои ҳарорати баланди тобистон фишорашон баланд мешавад, дӯғоб истеъмол намоянд. Зеро дӯғоб ба паст кардани фишори хун ва холестерин кумак мекунад. Инчунин дар баъзе тадқиқотҳо дӯғоб барои коҳиши хатари бемориҳои дил низ муфид мебошад.

Ба нафароне, ки аз таъсири офтоб ба бемории гармозадагӣ гирифтор мешаванд, нӯшидани дӯғоб тавсия дода мешавад. Инчунин нафароне, ки аз таъсири ҳарорати баланди ҳаво сарчархзанӣ ва беҳолӣ дар худ мушоҳида намоянд, бояд дӯғоб нӯшанд. Зеро он бо намак ва оби худ метавонад ин ҳолатҳоро пешгирӣ кунад.





# ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ БА ШАХСИ ОФТОБЗАДА

**Дар тобистон аз таъсири нурҳои тафсони офтоб бемор шудан хеле осон аст. Нишонаҳои асосии офтобзадагӣ сарчархзанӣ, баландшавии ҳарорати бадан, бемадорӣ, паридани ранг, сурхшавии пӯст, тез-тез тапидани набз, дарди шикам, дилбеҳузурӣ, садо дар гӯш ва дард кардани мушакҳои бадан мебошанд. Дар сурати сари вақт ягон чора наандешидан одами офтобзада метавонад ҳатто аз ҳуш равад, бинобар ин, дарҳол ба чунин шахс кумаки фаврӣ расонидан лозим аст.**

### ЧӢ БОЯД КАРД?

**1.** Шахси офтобзада, агар аз ҳуш нарафта бошад, ӯро ба чои соя бурда, тавре сари зону шинонед, ки сараш ба мобайни пойҳояш хам шавад. Ба пушти калла ва гардани бемор оби хунук резед.

**2.** Одами офтобзадагӣ, агар мустақилона роҳ гашта натавонад, ӯро ба чои соя бурда хобонед. Таги сарашро баланд карда, барои паст кардани ҳарорати баданаш доруи табпасткунанда (парасетамол) диҳед.

**3.** Тугмаҳои куртаашро кушоед ва чанд сачоқчаро дар об тар карда, ба пешонӣ, қафаси сина, таги каш, оринҷ ва пойҳояш гузоред.

**4.** Ба шахси офтобзада оби начандон сардро бо иловаи намак (1 қошукча намак дар 1 литр об) диҳед. Бигзор обро кам-кам нӯшад.

**5.** Барои нигоҳ доштани гармӣ дар ҷисм дасту пойи беморро маҳс кунед.

**6.** Рафту ҳолати бемор хуб нашуд, фавран ба ёрии таъҷилӣ занг занед.

### КАДОМ АМАЛҲО МАНЪ АСТ?

Баъзан мо ба ин ё он шахс кумак расонидан хоста, баръакс бо амалҳои ноҷои хеш ҳоли беморро бадтар месозем. Чанд амале ҳаст, ки ҳангоми офтобзанӣ ба ҷойи фоида зарар мерасонанд.

1. Шахси офтобзадаро ба оббозӣ кардан дар дарё маҷбур намудан ё аз сараш як сатил оби хунук рехтан лозим нест. Ба бадани бемор чизҳои аз ҳад сард, аз қабили ях гузоштан низ зарар расонида, ҳолашро бадтар месозад.

2. Ба шахси офтобзада машрубот, қаҳва, нӯшокиҳои энергетикӣ додан манъ аст. Ин нӯшокиҳо рагҳоро танг карда, ҳатто боиси варами мағзи сар гашта метавонанд.

3. Ба шахси офтобзадае, ки аз ҳуш рафтааст, маҷбуран об нӯшонидан манъ аст. Дар ин ҳолат бемор метавонад аз дармондани об дар гулӯ вафот кунад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Барои ҳамалҳо фурсатҳои хуби беҳтар сохтани вазъи молиявӣ пеш меоянд. Шояд пулатонро баргардонанд ё стипендияи иловагӣ бигиред. Ин маблағ ба харидҳои деринтизори шумо кумак мекунад. Охири ҳафта барои саёҳати кӯтоҳ ва шиносоии нав мусоид аст.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ин ҳафта мехоҳед бо одамони нав шинос шуда, таассуроти тоза бардоред. Эҳтимол шуморо ба зиёфат ё чорабинӣ даъват кунанд. Имконияти амалӣ гардидани хоҳиши деринаатон фароҳам мегардад. Метавонед чизҳои деринтизорро давоми ҳафта харидорӣ намоед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Аввали ҳафта эҳтимол ашёи гумкардаи худро пайдо мекунед. Муносибат бо ҳамсар беҳтар мешавад, шумо аз нав қадри якдигарро эҳсос мекунед. Эҳтимол муносибати ошиқонаи шумо боз ҳам мустаҳкам шавад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Ин ҳафта бештар ба корҳои хона машғул мешавед. Шояд таҷҳизоти нави техникӣ харед ё хонаатонро зеботар созед. Вақти хубест барои тоза кардани ашёи кӯҳна, ҷойивазкунии мебел ва таъмири сабук.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Аввали ҳафта ба зоҳир ва рушди шахсӣ диққат диҳед. Бонувон метавонанд сарулибоси худро нав кунанд. Имкони сар кардани варзиш, фитнес ва дигар амалиётҳое, ки ба фоидаи саломатиятон аст, фароҳам меояд.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Агар давоми ҳафта мақсади мушаххас гузоред, ба натиҷаи хуб мерасед. Имкони зиёдшавии маош ё гирифтани вазифаи нав вуҷуд дорад. Шахсони таъсиргузор метавонанд ба шумо кумак кунанд.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Эҳтимол ба нафаре таваҷҷуҳатон зиёд гашта, сахт ошиқ мешавед. Аммо ин эҳсосот зуд аз дилатон нест мешавад. Агар оиладор бошед, муносибати шумо бо ҳамсар метавонад тағйир ёбад. Агар барои тандурустӣ вақти муайян ҷудо кунед, натиҷааш хеле хуб хоҳад буд.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Давоми ҳафта бо одамон хоҳиши муоширати бештар пайдо мекунед. Агар ошиқ бошед, эҳсосотатон амиқтар мешавад. Барои шахсони танҳо фурсати хуби пайдо кардани дӯстдошта фаро расидааст. Дар чорабиниҳо, кино, театр ё маъракаҳо иштирок кунед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Дар ин ҳафта ба мавзуҳои пурасрор ва сирру асрори атрофиён бештар таваҷҷуҳ мекунед. Дилатон мехоҳад сабаби рафтори одамонро дарк намоед. Муошират бо дӯстони наздик, сафарҳои кӯтоҳ ва вохӯриҳо бо одамони нав хеле фоидаовар хоҳанд шуд.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ин ҳафта кунҷкобу зирак мешавед. Бисёр мехоҳед маълумоти нав ба даст оред ё дар таҳсил муваффақ шавед. Шояд ба сафар бароед ё бо фарҳангу анъанаҳои дигар халқу миллатҳо шинос шавед. Нафареро пайдо мекунед, ки ҷаҳонбинии васеъ дорад.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Аввали ҳафта фурсати хубест барои гузаронидани муоинаи тиббӣ, метавонед сабаби хастагиатонро аниқ намоед. Вазъ дар хона ва муносибат бо ҳамсар ё дӯстдоштаатон орому хуб хоҳад буд. Эҳтимол дар муносибатҳо муҳаббат ва боварӣ зиёд шавад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ҳафтаи хубест барои ҳал кардани масъалаҳои молиявӣ. Агар бекор бошед, имкони пайдо кардани кори хуб доред. Даромади шумо метавонад зиёд шавад. Метавонед барои хона чизҳои лозим харед - техника, мебел ё ороиши нав. Муносибат бо оила хуб хоҳад буд.

# «ТОЗИК» (ТОҶИК) ДАР МАНОБЕИ ЧИНӢ



*Ҷеффрӣ КОТИК,*
*профессори Донишгоҳи Лейден (Ҳолланд)*

**Номи «тозик» вожаест вомгирифта аз забонҳои эронӣ дар забони чинӣ, ки аз садаи VII мелодӣ ба сурати роиҷ ба кор рафтааст. Ин вожа ҳатто дар яке аз сафарномаҳои буддоии чинӣ, ки ҳеҷ рабте ба асноди диплумотики дарбори импературии Чин надорад, зикр шудааст.**

Дар зиндагиномаҳои роҳибоне, ки ба Ҳинд сафар кардаанд ва тавассути роҳиби маъруф Ичин (Yijing) дар соли 691 гирдоварӣ шудаанд, зиндагиномаи роҳиби чинӣ ба номи Сюанчао 玄照 (ҳудуди 627-685) омадааст, ки номи санскритии Пракошаматиро барои худ ихтиёр карда буд. Ичин тавзеҳ медиҳад, ки вай Сюанчаоро дар савмааи бузурги Ноландо (дар иёлати Биҳори кунунӣ) мулоқот карда ва Сюанчао қасди бозгашт ба Чинро доштааст, аммо «роҳ аз тариқи Непол ба Тибет масдуд шуда буд ва масир аз Капишо тавассути тозикҳо ишғол шуда ва убур аз он душвор буд»: 但以泥波羅道吐蕃擁塞不通，迦畢試途多氏捉而難度. Сюанчао дар ниҳоят дар Ҳинд дар синни беш аз шастсолагӣ дармегузарад. Ин рӯйдод байни солҳои 675 то 685, ҳангоме ки Ичин дар Ноландо будааст, ба вуқуъ меояд. Дар ёддошти пайванди матни Ичин омадааст, ки вожаи дуошӣ 多氏 (бозсозии овоӣ: tadẓiəˇ'/dẓi') ишора ба кишваре ба номи дашӣ 大食 (бозсозии овоӣ: da'/dajh ẓik) дорад. Ин ду қавмном маъмулан ба содагӣ ба унвони «арабҳо» тарҷума мешаванд, аммо бавузуҳ бо вожаи форсии «тозик» ё «тозиг» ё вожае аз забон ё гӯише наздик ба он муртабит ҳастанд. Ишора ба тозикҳо дар ривояти боло ба назар мерасад марбут ба ишғоли сарзаминҳое дар ғарби он чӣ дар он замон «Ҳинди Миёнӣ» номида мешуд, бошад. Ба назар мерасад, ки Сюанчао ва Ичин вожаи «тозик»-ро дар Ҳинд низ шунидаанд (муқоиса кунед бо вожаи санскрити tājika). Ин нуктаи муҳим аст, зеро нишон медиҳад, ки мардуми Ҳинд низ дар садаи VII эҳтимолан аз вожае чун «тозик» истифода мекарданд, на аз «араб». Дар ин замина, тарҷумаи «тозик» ба маънии «араб» метавонад аз лиҳози таърихӣ нодуруст ва нораво (анахронизм) бошад, зеро вожаи «араб» (ё чизе монанди он) дар манобеи он замони чинӣ зикр нашудааст.

Истифода аз як қавмноми форсӣ (ё аз забони дигари эронӣ) дар манобеи чинӣ ниёзманди тавзеҳ аст, зеро ишора ба вуҷуди як воситаи эронӣ дар фароянди тарҷума ба забони чинӣ дорад. Ҳатто бо вуҷуди тамосҳои муназзам бо диплумотҳои арабзабон, қавмноми «тозик» дар даврони дудмони Тан ва ҳатто пас аз он дар забони чинӣ роиҷ буд. Пас чаро дар ин давра дар матнҳои чинӣ зикре аз вожаи «араб» нарафтааст? Донер (2015: 138) таъкид мекунад, ки «ҳеҷ катибае, санади попирусие ё сиккае мутааллиқ ба фотеҳони садаи VII вуҷуд надорад, ки дар он онҳо худро «араб» номида бошанд». Вожаи «араб» дар манобеи таърихии чинӣ баъдтар зоҳир мешавад. Ин мавзуъ метавонад пурсишеро барангезад, ки оё «тозик» дар бофтори чинӣ як номи худӣ (autonym) буда ё номи берунӣ (exonym)?

Эҳтимол дорад, ки намояндагони халифаҳои араб, ки ба Чин сафар мекарданд, воқеан худро дар тарҷума «тозик» муаррифӣ мекардаанд. Забони форсӣ ё эҳтимолан суғдӣ роиҷтарин забони миёнҷӣ (lingua franca) барои иртибот бо чиниҳо дар он замон буд. Ин масъалаи муҳим барои баррасист, зеро василаҳои иртибот дар имкони рух додани иштибоҳ дар фаҳм ва тарҷума бояд тавзеҳ гардад. Аз эҳтимол дур аст, ки дар дарбори чиниҳо ходимоне буданд, ки битавонанд арабиро бихонанд ё ба он суҳбат кунанд. Ланг (2011: 62) таъкид мекунад, ки «вежагии роиҷи тарҷумонҳо дар давлати сулолаи Тан он буд, ки онҳо умдатан аз мардумони ғайричинӣ буданд, вале забони гуфтории чиниро хуб медонистанд». Мо яқинан медонем, ки бархе мақомҳои дарборӣ низ забони форсиро то андозае медонистанд ё дастикам метавонистанд тарҷумаи форсиро таъмин кунанд. Дар ёддошти поёнии яке аз сурудҳои масеҳӣ, ки дар боло ба он ишора шуд, омадааст, ки як нафар масеҳии эронӣ бо номи Aluoben дар соли 635 мелодӣ ба забони хеш сухан мегуфт ва гуфтаҳои ӯ тарҷума мешуд.

Дар ривояти чинии дар боло нақлшуда омадааст: «Подшоҳ номи хонаводагиаш тозик аст». Ин гуфта ғайримаъмул аст, вале илзоман ғайриқобили тавзеҳ нест. Метавон фарз кард, ки чиниҳо пурсида бошанд: «Номи подшоҳи шумо чист?», вале дар фароянди тарҷума вожаи форсии шоҳ бо шаҳр (ба маънии сарзамин ё кишвар) иштибоҳ гирифта шуда бошад. Тарҷумони эронӣ мумкин аст дар посух вожаи «тозик»-ро ё шифоҳӣ ё катбӣ ба кор бурда бошад. Дар ин сурат, равшан аст, ки «тозик» дар асл як номи берунӣ (exonym) буда, аммо ҳангоми муоширати бо чиниҳо аз тариқи забони дувум нақши номи худӣ (autonym)-ро ифо кардааст.

Яке аз эродҳои ин фарзия (ман бояд таъкид кунам, ки ин танҳо фарзия аст) он аст, ки арабҳо дар Чин худро аз тариқи тарҷума «тозик» меномидаанд, ки ин гуна падида дар ҳеч ҷои дигар, то он ҷое ки ман иттилоъ дорам, ба қайд гирифта нашудааст. Санади попирусии идории Миср дар соли 642 мелодӣ фотеҳони арабро дар забони юнонӣ magaritai/mōagaritai меномад. Муодили сурёнии он mhaggrē/mhaggrāyē аст. Ин вожаҳо баргирифта аз вожаи арабии муҳоҷир (муҳоҷирун) ҳастанд, ба маънои касоне, ки ҳиҷрат кардаанд. Вожаи тозик/тозиг, ба назар мерасад, ки бо вожаи сурёнии ṭayyāyē муртабит бошад, ки он аз номи қабилаи бадавии Ṭayyiʾ, ки аз ҷануби шибҳиҷазираи Арабистон муҳоҷират кардааст, муштақ шудааст. Нависандагони сурёнӣ аз ин вожа барои ишора ба чодарнишинони шутурбон дар ҷануб ва шарқи Миёнрӯдон ва Сурия истифода мекарданд. Ҳарчанд калисои сурёнӣ аз соли 638 мелодӣ дар Чин ба таври расмӣ вуҷуд дошт, ба назари ман баид аст, ки онҳоро барои тарҷума дар дарбор ба кор гирифта бошанд, гарчи наметавон эҳтимоли онро ба таври комил рад кард. Дар заминаи чинӣ мантиқитар он аст, ки вуҷуди як миёнҷии форсӣ ё ба таври кул эронизабонро дастикам дар садаҳои VII ва авоили VIII мелодӣ фарз кунем.

Нуктаи дигаре, ки бояд дар назар гирифт, ин аст, ки муошироти миёни фиристодагони арабу чинӣ эҳтимолан бештар аз тариқи навишторӣ сурат мегирифта, то гуфторӣ. Дар Чин равише ба номи «гуфтугӯ ба воситаи қалам» (bi tan 筆談) вуҷуд дошт, ки дар он ду тараф вақте забони муштарак надоштанд ё гӯиши якдигарро намефаҳмиданд, ба ҳамдигар банавбат менавиштанд. Ин равиш, барои мисол, тавассути бархе роҳибони жопунӣ, ки ба Чин сафар карда буданд, ба кор рафта буд. Роҳибони жопунӣ метавонистанд чинӣ бихонанд ва бинависанд, вале ғолибан наметавонистанд ба забони расмӣ ё гӯишҳои маҳаллӣ суҳбат кунанд. Мусофирон аз сарзаминҳои дур, монанди Арабистон, Сурия ё Ироқ ногузир буданд умдатан аз тариқи навиштор ва ҳатто эҳтимолан ба чанд забон ва дабира бо дарбори чинӣ иртибот барқарор кунанд, ҳатто дар мулоқотҳои ҳузурӣ.

Метавон тасаввур кард, ки пасон бархе арабзабонон тавонистаанд дабираи чиниро фаро гиранд, ба вижа дар давраи Аббосиён. Барои намуна, дар «Китоб-ул-фиҳрист» Ибни Надим (мутаваллиди ҳудуди 935) шарҳе аз дабираи чинӣ меоварад ва намунае аз онро низ тасвир мекунад (ҳарчанд аломатҳое, ки ӯ тасвир кардааст, шабоҳате ба нависаҳои чинӣ надоранд) ва гузориш медиҳад, ки бодбезанҳоеро дида, ки бар рӯи онҳо китобҳои диниву илмӣ навишта шуда будаанд. Ӯ ҳамчунин аз Муҳаммад ибн Закариёи Розӣ (865-925) нақли қавл мекунад, ки марде аз Чин омада ва ҳудуди як сол бо вай зиндагӣ карда, то забони арабӣ, ҳам навишторӣ ва ҳам гуфториро биомӯзад, ки инро ӯ дар панҷ моҳ анҷом дод. Сарфи назар аз он ки ин воқеан ривояти таърихист ё не, мантиқӣ аст бипазирем, ки бархе донишмандон дар чаҳони арабзабон эҳтимолан забони чинии навишториро то ҳадде омӯхтанд, вале ман шак дорам, ки ин чиз дар садаи VII мелодӣ рух дода бошад, чунки ҳеҷ санаде барои таъйиди он вуҷуд надорад.

*Аз китоби Ҷеффрӣ Котик «Робитаҳои Чину Эрон ва Чину араб дар авохири давраи бостон. Чин ва портиён, сосониён ва арабҳо дар ҳазораи якум» ("Sino-Iranian and Sino-Arabian Relations in Late Antiquity. China and the Parthians, Sasanians, and Arabs in the First Millenium" by Jeffrey Kotyk)*

**Тарҷумаи Умар САЪДӢ**

## МАВЛУДНОМА

### 3 ИЮЛ

**Юлдошбек Бархотбеков** (1890-1967), 135-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

**Анвар Камолиддинов** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Раҷаб Мардон** (1940), 85-солагии зодрӯзи нависанда, Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

### 4 ИЮЛ

**Зинаида Осман** (1920-1997), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Саноат Азизова** (1950), 75-солагии зодрӯзи киношинос.

**Усмонҷон Ҷалилов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Мукаррама Шамсиддинова** (1920-1986), 105-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

### 5 ИЮЛ

**Набӣ Носиров** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Абдуҳалим Салимзода** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Одил Ҳусайнов** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Мадориф Шарифзода** (1930), 95-солагии зодрӯзи тарҷумон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 6 ИЮЛ

**Маҳмадалӣ Қурбонов** (1905-1976), 120-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Мирзо Саттор** (1955-2011), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Пӯлод Ҳамроқулов** (1920-1983), 105-солагии зодрӯзи муаррих.

### 7 ИЮЛ

**Абдумаҷид Азимов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Ватан Давлатзода** (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Бобохон Маҳмадов** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, файласуф, дипломат.

**Владимир Салимов** (1950), 75-солагии зодрӯзи рассоми кино.

### 8 ИЮЛ

Муҳаммадалии Нуралӣ (1955), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Нина Суслова (1925-1992), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи астрофизика.

### 9 ИЮЛ

**Мамлакат Атоева** (1955), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Носир Отаҷалол** (1845-1928), 180-солагии зодрӯзи сароянда, оҳангсоз, мутриб.

**Михаил Шипулин** (1905-1982), 120-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Самадов Дилшод Мулоҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Роҳи нав 300, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 8, №А933416, ба номи Шарипова Майна Самандаровна, соли хатм 1978, ки аз ҷониби МТМУ №181-и ноҳияи Варзоб, деҳаи Зиддӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №4384, ки аз соли 1992 ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Абдулаев Исмаил Нишанбаевич ва Абдулаев Исак Нишанбаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 20/5, ҳ. 25 дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0959691, ба номи Маҳмудов Холмаҳмад Мирзоумарович, соли таҳсил 2020-2021, ки аз ҷониби МТМУ №77-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии бинои нуқтаҳои хизматрасонӣ ба номи Тугунов Анварджон, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Корвон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми бинои нуқтаи хизматрасонии савдо тахти фехристи №3ДШ-733, аз 11.12.2019, ба номи Тугунов Анварджон Алимджанович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Корвон, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома тахти фехрасти рақами 1Г-974, ки аз санаи 20.04.2016 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ аз номи Худойдодов Собир тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти бақайдгирӣ ба номи Нуралиев Абдуғани, РЯМ: 0730167341, РМА: 075720875, ки аз 21.04.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҶДММ "Султон и К", №0264450, РМА: 020041160, санаи судур 07.05.2013, ки аз Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Аҳтамова Зухро, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 275, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А7700782, ба номи Муминов Шухратҷон Фозилович, ки санаи 03.06.2013 аз ҷониби ШВКД ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя тахти фехристи №1ш-289 аз 12.03.2020, ба номи Узбеков Фарҳод Абдусаломович, ш. Душанбе, бо суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Адҳамов, хонаи 3, ҳ. 6, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо реестри №9Д-1614 аз 22.06.1992, ба номи Абдулаев Исмаил Нишанбаевич ва Абдулаев Исак Нишанбаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 20/5, ҳ. 25, ки дар Нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии 1-уми шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дарачаи А, №015191, ба номи Саидов Одинахоҷа Сафаралиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор донист шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №550,650, аз 05.06.2001 ба номи Саидов Одинахоҷа Сафаралиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Холматова Тоҷихон Мустафақуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 18/6, ҳ. 1, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Холматова Тоҷихон Мустафақуловна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 18/14, ҳ. 14, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ, №4244, ба номи Сатторова Бибимо, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 58, ҳ. 21, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №97015, аз 18.08.2023, ба номи Содиқов Якубҷон Ҳабибович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, гузаргоҳи 1-уми кӯчаи Панфилов, хонаи 18, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03632150, ба номи Эмомова Мадина Фатҳиддиновна, ки санаи 08.07.2021 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Қудратова Моҳира, РЯМ: 0730209902, РМА: 075266823, аз санаи 02.02.2021, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Узбеков Фарҳод Абдусаломович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Адҳамов, хонаи 3, ҳ. 6, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шарти махсус ба номи Сайнуриддин Абдуллоев Кучарович, РЯМ: 3330031229, ки дар н. Ҷ. Балхӣ дода шудаст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Зиёева Чумагул Сафаровна, РЯМ: 3330020430, ки онро Нозироти андози н. Ҷ. Балхӣ додааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Афзалу-Ануш", №0046046, РЯМ: 1510000874, РМА: 150002474, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Зарҳал", №0301170, РЯМ: 1210015712, РМА: 120046260, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Равшан 1999», РЯМ: 3310009863, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## МЕХАРАМ

► Мебели истифодашуда, диван, нармкурсиҳо, ҷевони либос, мизу курсиҳо, гарнитури хонаи хоб, катҳои дуқабатаи хоб, кондитсионерҳо, ваннаҳо, яхдонҳо, мошинаҳои ҷомашӯии "Киргизия", қолину палос, кӯрпаву кӯрпачаҳо. Молҳои мусоида. Тел.: 55-035-11-35 (ватсап), 0000-11-692 (ватсап), 90-266-66-26, 90-300-71-30, 900-70-98-98 (танҳо ватсап).

## ЭЪЛОН

### Марҳабо ба "Внучата"!

Мехоҳед фарзанди шумо ҳамаҷониба рушд ёбад? Мехоҳед фарзандатон пурра барои мактаб омода шавад? Пас, Шуморо ба кӯдакистони «ВНУЧАТА» даъват мекунем! Қабули кӯдакон оғоз ёфт: Аз 1,5 то 3-сола - гурӯҳи кӯдакони навзод (яслӣ), аз 3 то 5-сола - гурӯҳи миёна, аз 5 то 6-сола - гурӯҳи калон, аз 6 то 7-сола - гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб. Бори аввал дар кишвар! Дар кӯдакистони мо гурӯҳҳои махсус барои кӯдаконе, ки мушкилоти шунавоӣ ё нутқ доранд, фаъолият мекунанд. Дар дастаи мо -мутахассисони ботаҷриба: логопеди ботаҷриба, сурдопедагог (омӯзгори кӯдакони дорои мушкилоти шунавоӣ) бо собиқаи чандинсола. Ҳама дарсҳо ба забони русӣ гузаронида мешаванд. Дар барномаи мо: дарсҳои забони англисӣ, математикаи шавқовар, ИЗО (расмкашӣ, ҳайкалтарошӣ, аппликация), варзиш ва таэквондо, соати мусиқӣ, соати тарбиявӣ, муоинаи ҳаррӯзаи кӯдакон аз ҷониби мутахассиси тиббӣ. Шитобед! Ҳадамоти расонидани кӯдакон (развозка) низ мавҷуд аст. Кӯдакистони барҳаво ва бароҳати моро аз даст надиҳед! Барои маълумоти бештар занг занед: 97-975-19-19, 55-317-77-78, 900-89-48-82.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

**Finance Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 27428 / NPSA-7), Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 10 July 2025, 23:59 NY Time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

CAFA-2025

## УММОН ВА МАЛАЙЗИЯ БА CAFA NATIONS CUP 2025 ДАЪВАТ ШУДАНД

**Аз 29-уми август то 8-уми сентябр таҳти сарпарастии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ дуюмин мусобиқаи байналмилалии «CAFA Nations Cup» баргузор мешавад, ки дар он дастаҳои меҳмон - Уммон ва Малайзия даъват шудаанд.**

CAFA расман баргузории дуюмин мусобиқаи Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ байни дастаҳои миллии мардонаро эълон кард. «CAFA Nations Cup 2025» бо ширкати шаш тими минтақа - Тоҷикистон,




Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон ваду тими даъватшуда - Уммон ва Малайзия доир мешавад. Қуръакашии мусобиқаи «CAFA Nations Cup 2025» рӯзи 3-юми июл соати 16:00 ба вақти Душанбе оғоз мешавад. Азрӯи натиҷаи қуръакашӣ дастаҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Бозиҳо дар гурӯҳи «А» дар Тошканд ва бозиҳо дар гурӯҳи «В» бо ширкати мунтахаби Тоҷикистон дар Ҳисор сурат мегиранд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР ЛИГАИ ОЛИИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ТАНАФФУСИ ТОБИСТОНА ФАРО РАСИД



**Баъд аз анҷоми даври 13-ум дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон танаффуси тобистона фаро расид. Дастаҳо дар ибтидои моҳи август боз ба майдонҳои футбол бармегарданд.**

Дар даври 13-ум «Истаравшан» дар майдони худ «Ҳулбук»-ро бо ҳисоби 2:1 шикаст дод ва бо 12 имтиёз дар зинаи 10-ум қарор гирифт, аммо як бозӣ камтар анҷом додааст. «Ҳулбук» бо 10 имтиёз дар зинаи 11-ум аст. Дар бозии дигар пешсафи ҷадвал КМВА бо ҳисоби бузурги 5:1 дастаи охирин ҷадвал «Панҷшер»-ро мағлуб кард ва имтиёзҳояшро ба 27 хол расонд. «Ҳулбук» ҳанӯз ҳам 3 имтиёз дорад. Дастаи «Равшан» бо «Эсхата» мусовӣ (0:0) кард ва бо 23 имтиёз дар зинаи 4-ум ҷой гирифт. «Эсхата» 17 имтиёз дорад ва дар зинаи 7-ум аст. «Истиқлол» бар «Регар-ТадАЗ» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд ва бо 24 имтиёз ба зиани 3-юм баромад, аммо ҳанӯз мисли «Истаравшан» аз дигар дастаҳо як бозӣ камтар анҷом додааст. «Вахш» тавонист «Хуҷанд»-ро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кунад ва имтиёҳояшро боз ҳам бо КМВА баробар кунад, аммо таносуби голҳояш камтар аст, аз ин рӯ дар зинаи дуюм қарор дорад.

Бозии охирин бо иштироки дастаҳои “Баркчӣ”-и шаҳри Ҳисор ва “Ҳосилот”-и ноҳияи Фархор баргузор шуд ва бо ҳисоби 0:1 ба фоидаи “Ҳосилот” хотима ёфт. Ин ду даста дар зинаҳои 8 ва 9 қарор доранд. «Ҳосилот» 15 ва «Баркчӣ» 14 имтиёз доранд.

ФУТЗАЛ

## ТАҚВИМИ БОЗИҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ ФУТЗАЛИ ОСИЁ-2026

**Конфедератсияи футболи Осиё тақвими бозиҳои марҳилаи интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026-ро тасдиқ кард.**

Дар марҳилаи интихобӣ дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои Макао (20-уми сентябр), Камбоҷа (22-юми сентябр) ва Ҷопон (24-уми сентябр) бозӣ мекунад. Ҳамаи бозиҳо дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии Душанбе баргузор мешаванд. Ғолибони ҳашт гурӯҳи интихобӣ ва ҳафт дастаи беҳтарини ҷойҳои дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки аз 27-уми январ



то 7-уми феврал дар Индонезия баргузор мешавад, роҳ меёбанд.

**Марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026**

*Гурӯҳи «С»*
*Даври 1, 20-уми сентябр*
*Тоҷикистон - Макао*
*Ҷопон - Камбоҷа*
*Даври 2, 22-юми сентябр*
*Камбоҷа - Тоҷикистон*
*Макао - Ҷопон*
*Даври 3, 24-уми сентябр*
*Ҷопон - Тоҷикистон*
*Макао - Камбоҷа*

КУШТӢ

## ДУ НИШОНИ ТИЛЛОИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ МУСОБИҚАИ ЁШОР ДОҒУ

**Паҳлавонони дастаи мунтахаби куштии озоди Тоҷикистон дар мусобиқаи бонуфузи байналмилалии Ёшор Доғу, ки рӯзҳои 29-30-юми июн дар шаҳри Коҷаалии Туркия баргузор шуд, ду нишони тилло ба даст оварданд.**

Мусобиқа ба хотираи паҳлавони маъруфи турк Ёшор Доғу, чемпиони олимпӣ ва чемпиони чандин давраи Чемпионати ҷаҳон ҳамасола нухбагони варзиши ҷаҳонро гирди ҳам меорад.

Аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон Магомед Евлоев дар вазни 79 кг нишони тилло гирифт. Ӯ зодаи Ингушистон буда, аз соли 2023 дар ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон аст. Ӯ дар ҳоли ҳозир дар вазни худ дар раддаи 9-уми ҷаҳон қарор дорад ва пас аз муваффақияташ дар сабқати рейтингӣ дар Улан-Батор ва куштиҳои пайвастааш дар тӯли мавсим мавқеашро мустаҳкам кардааст.



Ҳамчунин, пас аз танаффуси ҳафтмоҳа бар асари захмӣ шудан, узви дигари тими миллии Тоҷикистон Абдулмаҷид Кудиев ба пирӯзӣ расид. Ӯ низ дар мусобиқаи бонуфузи байналмилалии Ёшор Доғу дар вазни 65 кг нишони тилло гирифт. Бозгашти ӯ танҳо як далел нест, ин як дархости воқеӣ барои комёбиҳои нав дар сатҳи олимпӣ ва ҷаҳонӣ аст.

РЕЗААХБОР




Шатранҷбози навраси тоҷик Богдан Восколович дар мусобиқаи байналмилалии шатранҷбозии "Issyk-Kul Open-2025" соҳиби нишони тилло шуд. Мусобиқа аз 20 то 29-уми июн бо ширкати шатранҷбозони то 14-солаи 7 кишвар дар Қирғизистон баргузор шуд. Шатранҷбози Тоҷикистон дар 9 бозӣ 7,5 хол ба даст оварда, соҳиби нишони тилло гардид.

***

Аз 1-уми июл дар “Кохи Олимп”-и шаҳри Душанбе Чемпионати Ассотсиатсияи волейболи Осиёи Марказӣ (CAVA) миёни духтарони то 16-сола оғоз шуд. Дар ин мусобиқаи минтақавӣ дастаҳои мунтахаби духтарон аз Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ширкат доранд. Мусобиқа то 7-уми июл идома мекунад.

***

Дастаи футболи «Хуҷанд» тасмим гирифтааст, ки бо сармураббӣ Рустам Хоҷаев ҳамкориро қатъ кунад. Меҳвар Сулаймонов, ки ба ҳайси мураббии дарвозабонҳо фаъолият мекард, низ дастаи «Хуҷанд»-ро тарк кардааст. Гуфта мешавад, ки ба ҷойи Хоҷаев ба ин вазифа Александр Крестинин, мутахассиси рус, ки пештар дар дастаи «Барс»-и Қирғизистон кор мекард, даъват шудааст.

***

Дастаи Академияи футболи Федератсияи футболи Тоҷикистон (U-15) дар мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми Қошғар» миёни наврасон дар Чин дуюм шуд. Даста дар марҳилаи гурӯҳӣ бар тими «Синзян Юэпуҳу»-и Чин (9:0) ва «Қувватлӣ Беден»-и Туркманистон (4:0) ғалаба кард ва аз «Шандун Тайшан»-и Чин шикаст хӯрд (0:4). Дар даври чорякниҳоӣ бар дастаи Академияи «Сибир» (3:3, пеналтӣ 5:3) ғолиб омада, дар нимниҳоӣ бар бошгоҳи Академияи футболи Тошканд (0:0, пеналтӣ 6:5) пирӯз шуд. Дар бозии ниҳоӣ аз тими «Бейтзин Гоан»-и Чин (2:2, пеналтӣ 5:6) шикаст хӯрд ва ҷойи дуюмро гирифт.




## ҶОЛИБ

Бемор баъди ҷарроҳӣ аз духтур мепурсад:
- Доктор, ман зинда мемонам?
Духтур:
- Барои ман ҳам ин ҷолиб аст.

## ҶАРРОҲ

Ду ҷарроҳ қабл аз ҷарроҳӣ либос иваз мекунанд. Якеаш дар тани дигарӣ таҳпӯши занонаро дида, мепурсад:
- Аз кай боз таҳпӯши занона мепӯшӣ?
Ҳамкасбаш мегӯяд:
- Аз бозе, ки занам онро аз мошини ман ёфт, маҷбур шудам гӯям, ки ин аз худам аст.

## БАРҚ

Марде ҳамсояи худро дар берун дида, мепурсад:
- Чаро шаби дароз барқи хонаатон фурӯзон буд? Магар меҳмон доштед?
Ҳамсоя дар ҷавоб:
- Э не, занам имрӯз аз деҳа бармегардад, барқи мо бошад, дар ин муддат ягон сомонӣ кор накардааст.

## ЯК СОАТ

Марде ба ҷои кор як соат дер мекунад. Роҳбар:
- Ту барои чӣ дер кардӣ?
Мард:
- Ман аз ошёнаи 5-ум афтодам.
Роҳбар:
- Магар ту як соати дароз афтодӣ?

## ДУЧАРХА

Пешхизмат аз мизоҷи доимӣ мепурсад:
- Ба шумо оби ҷав биёрам?
- Не, ман бо дучарха омадаам, бароям оби минералӣ биёред.
Баъди дақиқае пешхизмат баргашта, мегӯяд:
- Шумо метавонед бемалол оби ҷав нӯшидан гиред, дучархаатонро касе дуздидааст.

## ЧАНГКАШАК

- Алло, ин ҷо ширкати Xiaomi аст?
- Бале, шуморо гӯш мекунам.
- Дирӯз ман аз мағозаи шумо чангкашаки шиддаташ баландро харидам.
- Чаро садоятон ин қадар паст аст?
- Охир, ман аз даруни халтаи чангкашак занг зада истодаам. Маро наҷот диҳед!

## МИНА

Марде дар саҳро бо уштур меравад, занаш бошад, пеш-пеши уштур. Аз наздашон ҳамсоя баромада, мегӯяд:
- Ҳой ҷӯра, ин корат хуб не! Ҳатто дар Қуръон навишта шудааст, ки зан набояд аз шавҳар пеш гузарад!
Мард мегӯяд:
- Гӯш кун, ҳамсоя, вақте ки Қуръонро навиштанд, дар заминҳо мина нагузошта буданд!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## ПУЛ ЧИСТ?

- Дада, пул чист?
- Пул, писарам, ин мошин, шароб ва занҳои зебо...
- Агар пул набошад чӣ?
- Он гоҳ троллейбус, чой ва очаи ту...

## МАЗЗАИ ОБ

- Дӯстам, оё медонӣ, ки сифат ва маззаи обро чӣ гуна беҳтар кардан мумкин аст?
- Филтр гузоштан даркор?
- Не, як буридаи калони гӯштро ба об партофта, ба болои оташ гузоштан лозим...

## ҚИМОР

Қиморбоз дар хонааш бо дӯстонаш тамоми шаб қартабозӣ карданд. Ниҳоят қариби субҳ тоқати занаш тоқ шуда, зада ба хона даромад ва ба сари онҳо дод зада, гуфт:
- Ин чӣ кор аст?!! Ин аҳвол то кай дар хонаи мо давом меёбад?!!
Шавҳараш чашмашро аз картаҳо наканда, гуфт:
- Дод назан, занак. Хона дигар аз мо нест...

## СЕЮМӢ

Мард аз роҳ мегузашт. Дид, ки ду нафар канори роҳ кор карда истодаанд: яктааш чуқурӣ мекобад, дуюмӣ чуқуриро пури хок мекунад. Мард ҳайрон шуда, пешашон омад ва пурсид:
- Шумо чӣ кор карда истодаед?! Чаро якумӣ чуқурӣ мекобаду дуюмӣ пури хок мекунад?
Як нафарашон гуфт:
- Ман дуюмӣ нестам, ман сеюмам. Дуюмӣ бояд дар чуқуриҳо ниҳолҳоро мемонд, имрӯз кор набаромадааст...

## ТАШХИС

- Мумкин аст, хоҳарам?
- Марҳамат. Хизмат?
- Пеши духтури асаб даромаданӣ будам.
- Духтур нестанд, ба рухсатӣ рафтаанд. Баъди як моҳ мешаванд.
- Ӯҳху, то он вақта мурдан мумкин...
- Шумо аҷоиб, духтур кофта мегардед?! Як пост навишта дар «Фейсбук» монед, хонандагон дарҳол дардатонро ташхис карда медиҳанд...

**Х. БАСРИДДИНОВ**

## Сканворд

